

# Рисолаи Сайдия ё худ сифоти ҳайвонот ва хосияти шифобахшии онҳо

# Рисолаи Сайдия ё худ сифоти ҳайвонот ва хосияти шифобахшии онҳо

ББК 52 81
Р 65

Тахияи:

Анӯши Мирзо, Шарифзод Нуриддин, Раҳматзод Баҳодури Сахбо

РИСОЛАИ САИДИЯ — Душанбе: Доиратулмаъорифи тоҷик, 1992.

Ҳамватани гиромӣ, рисолае, ки ба дасти Шумо расида мураккаб аз гуфторҳои аҷибу ғариб ва фоидабахшест оид ба авсофу хосияти шифоии бархе аз ҳайвоноти аҳлӣ (хонагӣ) ва ваҳшӣ.

Умедворем, ки рисола боиси қаноъати ниёзмандии Шумо гардад.

ББК 52.81
Р 65

Р $\frac{470250401}{505(12)-92}$ бе эълон

ISBN 5-89870-036-6

© Доиратулмаорифи тоҷик, с. 1992

## ПЕШГУФТОР

Табибӣ, мадад ба бемор, табобат ва тарзу тариқаи ҳифозат аз бемориҳо, дорусозӣ аз ҳунар ва анъанаи неки мардуми Шарқ ва бахусус мардуми тоҷиканд.

Илми тибб ва ҳунари табибии мардуми тоҷик ба умқи асрҳо пайваста, аз ғанитарин ва қадимтарин қисми тибби ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Китоби ҳафтуми «Ведҳо»-и Авесто аслан зикри бемориҳо ва давоҳо мебошад. Дар аҳди Сосониён, ки Академияи Гунди Шопур фаъолият дошт, уламои дар он гирдомада онди соҳаи тиб доиратулмаъорифе дар 30 ҷилд таълиф намуданд. Равнаки тиб дар даврони Сомониён (замони гулшукуфти фарҳанги тоҷик) ба арши воло расид. Ҳамон давр ва минбаъд «Ал-Қонун»-и Ибни Сино, «Ал-ҳовӣ»-и Закариёи Розӣ, «Ҳифз-ус-сиҳат»-и Алии Табарӣ, «Комис-ус-синоат»-и Алӣ ибни Аббоси Аҳвозӣ, «Тибби Аврангшоҳӣ»-и Дарвешмуҳаммади Амнободӣ, «Тибби Акбарӣ»-и Мирҳоҷии Муҳаммадмуқим, «Тибби Юсуфӣ»-и Муҳаммад ибни Юсуфи Табиб, «Ҳидоят-ул-мутааллимин фи-т-тиб»-и Аҳвайни Аҳмади Бухороӣ, «Донишнома»-и Ҳакими Майсарӣ, «Маъдан-уш-шифо»-и Хавосхон, «Махзан-ул-адвия»-и Муҳаммадхусайни Оқилӣ, «Муҷарработи Афзалӣ»-и Мирмуҳаммади Афзалӣ, «Муҳити Аъзам»-и Муҳаммади Аъзамхон, «Ҳофиз-ус-сиҳат»-и Муҳаммад Қозим, «Тӯҳфаи шоиста»-и Муҳаммад Солеҳ, «Рисола дар ташреҳи бадани инсон»-и Мансури Аҳмад, «Қарободини Қодирӣ»-и Муҳаммадакбари Арзоӣ ва амсоли инҳо бештар аз 200 рисолаи тиббии мукаммали яке дигареро такмилдиҳанда арзи ҳастӣ намуданд. Ҳамчунин дар масири ин қарнҳо ва раванди фаъолиятҳо як навъ илму санъати тибби муштараки юнонуарабӣ ва ҳиндуфорс-тоҷик дурахш пайдо карда, шакли муайяну мӯҷазеро соҳиб гардид ва хосияти таҳлисӣ гирифт. Ба назар мерасад, ки тибби қадим низ чун ҳозир аз ду бахш — мардумӣ ва касбӣ-тахассусӣ мураккаб гардида, табибон дар навбати хеш ҳар яке соҳае интихоб кардаанд ва соҳаи табибони пешин аз табибони ҳозир аксаран на дар табобати амрози мухталифа, балки дар ташхису маводи даво фарқ дошт. Агар яке бо гиёҳҳо табобат мекард, дигаре бо таркибҳои маъдану улуми ғайбу ғариба ва афсуну сеҳр ва сеюмӣ бо маводи ҷамодӣ — давоҳои аз аъзои ҳайвонот таҳияшуда ба ҷисми бемору ниёзманди мардум давою шифо мебахшид.

Рисолае, ки ҳамин ҳоло ба дасти Шумо расида, «Садия» унвон дошта аз бахши сеюми асарҳои тиббии фавқуззикр аст ва ба қалами табибе ба исми Садри Ҷаҳон мутааллиқ мебошад.

Вале рисола соф тиббӣ нест. Он як навъ асари зоопсихологӣ ва тиббист, ки аз чанд ҷаноҳ арзишманд аст. Рисола оиди хавосу ашколи 75 ҳайвони ҳалолу ҳаром маълумоти аҷибу ғариб дода, сипас ба хосияти табобатӣ доштани ин ё он узв ва ё ҷузви ҳайвон мегузарад. Чун ҷанбаҳои зоопсихологии ҳайвонҳо дар илми муосир ба таҳқиқ омӯхта шудаанд, гумон меравад ҷиҳати табобатии он барои мардум пурарзиштару ҷолибтаранд. Муҳимтар он аст, ки рисола мабнӣ бар таҷориб ва далоили пешин буда, дар оғози он оварда мешавад, ки аксари давоҳои пешниҳодшуда «... аз китоби ҳукамои мутақаддимин» гирифта шудаанд ва баъзе фаслҳои он ба «Аҷоиб-ул-махлуқот», «Муҷмал-ут-таворих», «Маҳозарот», «Макорим-ул-ахлоқ», «Таърихи мағриб»-у соири кутуб ҳаволаҳо рафтаанд. Аз муҳтавои маҷмӯъии рисола бар меояд, ки дар он ақоиди тиббии муаллифини «Эҳё-ут-тиб» (Сайид Субҳонқули Муҳаммад Баҳодурхон), «Дастур-ул-илоҷ» (Султоналии Хуросонӣ) ва дигар кутуби тиббӣ фаровон истифода гардидаанд. Аз ин лиҳоз рисолаи «Сайдия» пурарзиш аст ва зимни он амрози мухталифаро аз қабили: **бавосир (геморрой), зиқи нафас, истисқо (обхӯра), саратон, сурфа, исҳол (дарунравӣ), дарди сар, санги масона, никрис (варами бандҳо), шабкӯрӣ, сӯзок — чакидани пешоб, фалаҷ, печиши ишкам (қулинҷ), тэппиши дил (хафақон), дафъи заҳри мору каждум, ханозир, песӣ, зардпарвин, бемориҳои батн, манъи ҳомила, ҳомилашавӣ ва соири бемориҳоро метавон муолиҷа ва пешгирӣ кард.**

Ба тавассути ин китоб шумо ҳамчунин метавонед бо роҳи осон, бе истифода аз заҳрҳо кайк, магас, пашша ва дигар ҷонварони газандаи заҳрнокро аз хонаатон дур созед. Рисола барои муттақиён дар кадом мазҳабҳо ҳалол ё ҳаром будани бархе аз баҳоим-ҳавонотро маълум менамояд, ки донистани он барои ҳар фарди мусулмон воҷиб аст. Ҳамчунин барои эътиқодмандон дуъоҳои мушаххасе дар шакли саҳеҳ оварда шудаанд, ки ранҷи кайку пашша ва ё неши ҳашароти газандаи бадзаҳрро дафъу рад месозанд. Зимни вероскорӣ (баргардон кардан) ғарази авомии матн аксари калимоти ноошноро дар қавсайн ё шарҳ додем ё муродифи маъмули авомии онро овардем. Бархе аз истилоҳот ва калимоти асотирию ашхоси таърихӣ ва номи шаҳрҳоро дар тавзеҳот шарҳу табсара кардаем. Ба сокини деҳаи Нигноти ноҳияи Панҷакент Ҳасанов Мирзомурод, ки ин рисоларо ба дастрасии мо қарор доданд, сипосгузорем.

Дар охир таманнои онро дорем, ки шумо тавассути ин рисола ва хосту мадади Худои таъоло аз амроз ва дарду ранҷҳо халос мегардед. Худо мададгоратон бод!

## БИСМИЛЛОҲ-ИР-РАҲМОН-ИР-РАҲИМ

Ал-ҳамду лиллоҳи рабб-ил-оламин ва-с-салоту ва-с-саломy ало расулиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳил аҷмаъин. Бидон, ки ин рисолаест аҷиб ва нусхаест ғариб дар баёни ҳал (ҳалолӣ) ва ҳурмати (ҳаром, манъ) аксари ҷонварон ва ихтилофи мазоҳиби арбаъа, аҳли тасаннун (суннӣён) маъа ихтилофи аҳли ташиъа (шиъиён) ва таъсироти аксари аъзо ва ашёи ҷонварон аз китоби ҳукамои мутақаддимин, ки донистани он ҳар касеро фоидаи касир бахшад, магар асмои (номҳои) ҳар як дар арабӣ ва форсӣ ва туркӣ ва баъзе ҳикоёт ва аҷоибот, ки аз онҳо ба субут расида. Мин таълифи наввоб Садри Ҷаҳон раҳматуллоҳи таъоло алайҳи, ки яке аз ҷумлаи умарои олишон ва акобирони мулки Дакан мавсум ба «Сайдия» ба таркиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ (алифбоӣ) азъафулибод Масеҳуззамон ба назари фавоиди хосу ом ба хайри табъ овард.

## ҲАРФ-УЛ-АЛИФ

ИБИЛ-ро ба форсӣ шутур гӯянд ва ба туркӣ вуҳ. Шутури калон ба арабӣ ҷамал ва модаи ӯро ноқа гӯянд. Ва он ҷонвари қавиҳайкалу камхӯр ва боркашу фармонбар аст. Чунончи ин шеър ба сифати ӯст.

**Байт:**

Ҳалиме, раҳнаварде, бурдборе,
Зи гулзори ҷаҳон қонеъ ба хоре.

Ва араб дар мутаваат (итоат) мардумро ба ӯ ташбеҳ карда, мегӯянд: «Атваъу мин-ал-ҷамалӣ» («Итоаткортар аз шутур»). Ва арабиён ҳар гоҳ хоҳанд, ки масоҳати бисёр бо андак замоне тай кунанд, ашъори арабро ба оҳанги хос месароянд. Чунончи шоире гуфта.

**Байт:**

аҳли суннат ва аҳли ташиъа, илло назди имом Молик раҳматуллоҳ макруҳ аст.

**Ҳикмат.** Ҳар ки пиҳи ӯ дар бадани худ молида, дар саҳро равад, ҷумлаи даррандагон аз вай бигрезанд ва аз эшон зарар бар вай нарасад. Хӯрдани заҳрааш одамиро шуҷоъ ва далер кунад ва саръу доъуссаълабро зоил кунад. Ва агар дар чашм кашанд, хун аз чашм бубарад. Ва агар бар **ханозир** тало кунанд, даъф кунад. Гӯшту пиҳи ӯ **фолиҷ** ва **истирхоро** муфид бувад. Ва зимоди (марҳами) хунаш иллати **саратонро** зоил кунад. Ва бар пӯсташ хуфтан таби рибъро муфид бувад. Агар порае аз пӯсти ӯ дар сандуқ ниҳанд, аз осеби кирмони зарардиҳанда эмин шаванд. Ва агар порае аз пӯсти ӯ дар гардани кӯдаки масруъ (гирифтори саръ) банданд, нафъ бахшад. Агар табли пӯсти ӯ (шер) дар ҷанг бинвозанд, аспони мухолиф аз садои вай бигрезанд.

АРНАБ-ро ба форсӣ харгӯш ва ба туркӣ товушқон ва баъзе гӯянд, ки як сол нар монад ва як сол мода. Ва ӯро чун занон ҳайз меояд. Чун ранҷур шавад, най низ хӯрад ва шифо ёбад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба мазҳаби аҳли суннат ва дар мазҳаби ташиъа ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Ҳеҷ ҷонваре тарсандатар аз он нест. Ва дар вақти рафтан биҷаҳад. Чун дар хоб равад чашмаш кушода монад. Ва чун дарё мебинад, аксар ба шиддати хавф мемирад. Чунончи ба сабаби хавф ба канори дарё намеравад. Ва араб мегӯянд, ки аҷина аз ӯ мегурезад. Ҳар ки димоғи ӯро бирён намуда хӯрад, аз дарди раъша (ларзонак), ки ба сабаби хушкӣ бошад, халосӣ ёбад. Ва агар сарашро бисӯзонанд ва хокистарашро ба дандон моланд, сиёҳии зарди вайро бибарад ва сафеду барроқ (дурахшон) гардонад. Панирмояи харгӯшро зани баъд аз ҳайз ба мушк бо худ баргирад, ба обистан ёрӣ бахшад ва агар баъди туҳр (пок шудан аз ҳайз) то се рӯз биёшомад, манъи обистан кунад. Ва агар бо хатмӣ (хайру) ва зайт (равғани зайтун) бар маҳале ниҳанд, ки хоре ё най ба он ҷо ҳалида бошад, берун орад. Ва чун бо сир ба кӯдаки масрӯъ бинӯшонанд, саръро дафъ созад. Ва чун миқдори як қирот (200 миллиграмм) аз панирмояи вай бо шароби кӯҳна омехта бихӯранд, аз заҳри мору каждум ва ғайра самум газандаҳо (газандаҳои заҳрдор) дафъ созад. Агар зани обистан панирмояи нар ё хусяи (хояи) ӯ ба шароб мамзуҷ сохта (омехта) биёшомад, фарзанди нар бизояд. Ва ба хӯрдани панири мода ба дастур духтар зояд ва оллоҳу аълам. Ва агар ба об бар бинӣ ниҳанд, манъи хун рафтан кунад. Ва заҳраи ӯ агар касеро бихӯронанд, хоб бар ӯ чунон ғалаба кунад, ки ба ғайри

хӯрдани шир бедор нашавад. Ва хунаш агар зане бар худ баргирад, ҳаргиз обистан нашавад. Ва гӯшташ қулинҷу мафосил ва **никрис** бибарад ва каъбаш (буҷулакаш) бо худ доштан дафъи чашми бад кунад. Ва пойи ӯ агар ба зане банданд, модом ки бо вай бошад, обистан нашавад. Ва агар хуни вай бирён карда бихӯрад, ҷиҳати самум (заҳрҳо) ва ҷилои чашм нофеъ бувад.

АФЪӢ-ро ба форсӣ мор гӯянд. Борикгардан ва паҳнсару занабборик (думборик) бошад. Ва модааш бадтарини морон аст. Бадтарин анвоъи афъӣ он аст, ки холи сиёҳ ва сафед дорад. Ва морро туркиён бублон гӯянд ва араб кунияти ӯро Бабулҳай гӯянд ба ҷиҳати он ки мегӯянд ӯ баъд аз ҳазор сол кӯр мегардад ва баъд аз он дарахти бодиёнро ҷуста чашмҳои худро бар он мемолад ва дуруст мешавад. Гӯянд ҳарчанд миёни ӯ ва дарахти бодиён масоҳати баъида (зиёд, дур) мебошад, бо вуҷуди кӯрӣ меҷӯяду худро назди ӯ расонд. Ва аз ғароиби ӯ нақл кардаанд, ки агар чашмаш барканананд, баъд аз се рӯз ба ҳол меояд ва дуруст мегардад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти ӯ дар ҷамиъи мазоҳиби сунния ва имомия.

**Ҳикмат.** Гӯшти ӯ дар маразн **истисқо** (обхӯра) нофеъ бувад ва ҷузому (бемории махав, хӯра) торикии чашмро бибарад ва ҳаяҷони шаҳват гардонад ва дафъи заҳри афъӣ бошад. Ва чун бо равғани зайт бар тан моланд, мӯй нарӯяд. Ва пӯсташ додолбастро нофеъ бувад ва хунаш равшании чашмро зиёда кунад. Ва агар дили вайро хушк карда бо худ доранд, сеҳр кор накунад. Ва агар дандони ӯро бар аврате (зане) банданд, ҳомила нашавад. Заҳри ӯ заҳри қотил аст, ки ҳеҷ илоҷ надорад.

ИЯЛ-ро ба форсӣ гавазн ва гови кӯҳӣ ва нарашро ашфақ ва модашро мавол гӯянд. Ва ду сол шох бар наорад ва баъд аз он ду шохи рост барорад. Чун сесола шавад аз шохҳои ӯ шохҳои дигар монанди шохи дарахт берун ояд. То шаш сол зиёда гардад баъд аз он дар ҳар сол биафтад ва боз барояд. Уқда аз соли гузашта ва солаш аз уқдаҳои шохаш шинохта мешавад. Ва шохи ӯ бисёр мунъақид (ташаккулёфта) ва маҳкам аст. Ва аз ғароиби аҳволи ӯ он аст, ки ба шунидани суруд майл дорад. Ба мартабае, ки ӯро ба суруд гуфтан машғул месозанд ва аз ақиби ӯ мегиранд. Ба дидани моҳӣ майли тамом дорад ва моҳӣ низ ба дидани ӯ моил аст ва ба канори дарё низ ба ҷиҳати дидани ӯ (моҳӣ) меравад. Ба дидани мор ҳам моил аст. Ба мартабае, ки ҳар гоҳ морро дид, дунбол мекунад. Чунончи агар даҳ захм бар ӯ занад парво намекунад ва то мор нагирад аз дунболи ӯ боз намегардад. Дар

тобистон афъй мехӯрад ва ҳарорати баданаш ғалаба мекунад ба талаби об меравад ва дар канори рудхона меистад қонеъ ба шабнаму боде, ки аз рӯи об бармехезад. Об намехӯрад он миқдор, ки заҳри афъӣ аз андаруни вай биравад. Агар чунин накунад, бимирад. Баъзе гуфтаанд, ки ҷиҳати дафъи мазаррати афъӣ харчангу харотин (кирми лойхӯрак) мехӯрад. Ва чун афъӣ бихӯрад, гоҳ бошад, ки ашке чанд дар кӯе, ки наздики чашми ӯст, ҷамъ шавад ва монанди мум баста гардад ва он беҳтарини тарёқон (позаҳр) аст ҷиҳати заҳрҳо. Ва хубтарин гавазн зардранг аст.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти вай ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Мағзаш ифлоҷро (фалаҷ) муфид аст. Ва агар шохи вай бар оташ ниҳода бухур (дуд) кунанд, ҷамиъи газандаҳо бигрезанд. Ва агар ба шохи сӯхтаи ӯ мисвок кунанд, зардии дандон ва дарди онро дур кунад. Ва ҳар кас, ки аз вай бар худ чизе бандад, дар хоб нашавад. Ошомидани хуни вай санги масонаро дафъ кунад. Ва хокистари шохи ӯро агар бо равған зам карда, бар шақоқ (чокҳо, шикофҳо) тало кунанд, зоил гардонад.

ИБНИ ОВӢ-ро ба форсӣ шағол гӯянд ва ба туркӣ чағол. Ҷонвари маҳил (ҳилагар) аст ва харобкунандаи харбузаву найшакар ва ғайра асмор (самарҳо) аст.

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти ӯ ба мазҳаби имом Ҳанафӣ ва имом Шофеъиро ду қавл аст. Асаҳ (саҳеҳ) он аст, ки ҳаром аст. Ва ба мазҳаби молик ҳалол ва ба мазҳаби шиъа низ ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Агар забони ӯро дар хона биёвезанд ва бигзоранд дар миёни аҳли хона хусумат ва низоъ ва ҷанг афтад. Ва заҳраашро ним дирам (1,56 г) дар об ҳал карда, се рӯз мутавотир (пайваста) бихӯранд, дарди сарро судманд бувад. Ва талои пиҳи ӯ ва хӯрдани гӯшти ӯ ба заҳмати девонагӣ ва саръ, ки дар охир пайдо мешавад, судманд бувад. Ва гӯянд, ки чашми ӯ агар касе ҳамроҳи худ дорад, аз аксари осебу чашмзахм эмин монад. Ва ҷигараш агар як мисқол (4,68 г) ба масруъ бихӯронанд, саръро дафъ созад.

ИБНИ ИРС-ро ба форсӣ росу ва муши хурмо (мири мушон) гӯянд ва ба туркӣ хурмошчонӣ. Душмани мору муш ва наҳанг аст. Ва мору мушро ба мадди нафас аз сӯрох берун овараду бихӯрад. Ва наҳанг аксар авқот ба сабаби аламе (озор), ки дар даҳан дорад, даҳан кушода дорад, то аз ҳаво он алам ба ислоҳ ояд. Мурғон дар даҳани ӯ рафта, кирмҳое, ки дар даҳани ӯст, берун меоранд. Росу низ дар он вақт дар даҳанаш равад ва ба ҳалқаш фурӯ равад ва ҷигараш бихӯрад ва ӯро ҳалок гардонад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба мазҳаби Шофеъӣ (раҳ.) ва назди имом Молик (раҳ.). Дар дигар мазоҳиб ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Агар андаруни шиками вай ба кашнич пур кунанд ва хушк сохта нигоҳ доранд, хӯрданаш ҷиҳати дафъи ҷонварони заҳрдор муфид аст. Ва агар димоғи вай ё гӯшти вай ба сирка бихӯранд, саръро судманд бувад. Ва агар гӯшти ӯро ба мафосил (бандҳо) биниҳанд, дард бинишонад. Ва агар гӯшти ӯро бисӯзонанд дар деги мисин ва хокистари онро бо сирка ба никрис тало кунанд, судманд бувад. Ва агар чашми вай хушк карда ба масруъ диҳанд, муфид бошад. Ва агар каъби (бучулаки) ӯ дар ҳоле, ки зинда бошад бар зан банданд, обистан нашавад. Ва гӯшташ дандонро қувват диҳад. Ва димоғаш агар иктиҳол кунанд (кашанд), торикии чашмро бибарад. Розӣ гӯяд, ки ҳар таъоме, ки заҳр дорад, агар ибни Ирс онро бубинад, фарёд кунад ва мӯйҳои вай рост биистанд.

ИВАЗ(З)-ро ба форсӣ бат (мурғобӣ) ва ба туркӣ ӯрдак гӯянд. Ӯ овози навҳаро дӯст дорад ва дар охири моҳ бачаро аз тухм берун оварад. Вақте ки мода бар сари тухм нишинад, нар соате аз вай дур нашавад. Ва бисёр тухм диҳад. Илло (ба ҷуз) зиёда аз даҳ байза ба зер нагирад ва дар кам аз бист рӯз бачаҳо дарорад. Ва агар мода ба зарурате аз сари тухм бархезад ва нар онро посбонӣ кунад, то мода барояд.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Агар димоғи ӯро бо оби розиёнаҷ (бодиён) ба ношто бихӯранд, бавосир ва авҷоъи раҳим (бемориҳои бачадон) бибарад. Ва забонаш қатъи тақтири бавл (чакидани пешоб) кунад. Ва мағзаш судоъ (дарди сар)-ро бинишонад. Ва талои пиҳаш шақоқро боздорад. Ва доъуссаълаб (тиф) бибарад ва ранги рӯй равшан кунад. Ва гӯшташ тан фарбеҳ кунад ва овоз соф кунад ва қуввати боҳ биафзояд. Ва агар хунаш ба намак ношто биёшоманд, дарди шонаро бинишонад. Ва хокистари устухон(аш) захми пайкон ба ислоҳ оварад. Ва агар боли чапаш ба дасти рост банданд, таб бибарад, дарди аъзо бинишонад ва тухмаш қуввати боҳ зиёда кунад ва суъол (сурфа) зоил кунад. Гӯянд андаруни шиками вай сангест, чун бисоянд ва дар шарбат биёшоманд, дар заҳмати шикам нафъ расонад.

## ҲАРФ-УЛ-БО

БОЗӢ-ро ба форсӣ боз гӯянд ва ба туркӣ форҷафой. Ҷонварест шикорӣ, таълимпазир, хушсурат, мутакаббир, бадмизоҷ аст. Ва модаи ӯ аз нар бузургтар ва гирандатар. Модаро

боз гӯянд ва нарашро ҷурра. Ва беҳтарин асноф (навъ) бози сафед аст, ки сари бузург ва чашмҳои сурх дошта бошад ва гардани дарозу ситабр (ғафс) ва синаи паҳн дошта бошад ва ронҳои бузург ва мӯйҳои хурд бар рӯ бисёр бошад ва пояш зард бошад. Бози сафед дар вилояти Фаранг бисёр аст ва дар рисолаи «Бознома» гуфтаанд, ки беҳтарин боз он бозе аст, ки аломати ӯ ин аст, ки чашмаш сиёҳ ё азрақ (кабудчатоб) ва пушти ӯ низ сиёҳ бошад. Ва машҳур аст, ки бози муфид он аст, ки ба синфи худ ҷуфт шавад, балки ба шоҳин ва зағану чарғ ва ҷуз он низ ҷуфтӣ кунад. Аз ин ҷиҳат ашколи боз мутафовит аст. Ва гуфтаанд умри ӯ зиёда аз бист сол набошад ба ҷиҳати он ки золим ва томеъ (ҳарис) аст ва каргас, ки қонеъу камозор аст, умраш дароз бошад. Чун ранҷур шавад, гунҷишк хӯрад ва сиҳат ёбад. Ва агар муш хӯрад, пар биафканад. Ва аввал касе, ки шикори боз карда, мулуки Рум буданд.

**Ҳикоят**: Овардаанд, ки Ҳорун-ар-Рашид бози сафедро рӯзе паронд. Боз дар ҳаво ғоиб шуд ба мартабае, ки аз омадани ӯ навмед гаштанд. Баъд аз даранги бисёр пайдо шуд. Моҳӣ дар чангол дошт.

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб, магар ба мазҳаби имом Молик (раҳ.) макруҳ аст.

**Ҳикмат.** Заҳраи бозро агар дар чашм кашанд, манъи нузули об (обравӣ) кунад, аммо то асари нузул зоҳир нашавад, натавон кашид, ки мазаррат (зарар) дорад.

БОШАҚ-ро ба форсӣ боша гӯянд ва ба туркӣ фарқу хонанд. Ҷонвари шикорӣ, таълимпазир, хушсурат аст ва дар сифот ба боз наздик аст. Ва баъзе ӯро дар аснофи боз шумурдаанд. Боз дар тамоми Дакан ва Гуҷарот нест, аммо боша бисёр аст.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ дар ҷамиъи мазоҳиб ҳаром аст, магар дар мазҳаби Молик макруҳ аст.

**Ҳикмат.** Қасе, ки хафақони савдовӣ дошта бошад, агар як дирам (3,12 г) аз димоғи ӯ бо гулоб бихӯрад, муфид бошад.

БАҲРӢ-ро ба форсӣ ва туркӣ ҳамин ном аст. Ҷонвари шикорӣ, таълимпазир аст ва дар ҷусса андаке аз боз ҳақир аст, аммо дар ҳунар ва зӯру далерӣ аз боз зиёда аст, балки нисбати ӯ ба боз кардан айни хатост. Ва аз ғояти шуҷоъат ва таҳурӣ (покӣ), ки дорад, мардуми шуҷоъ ва далерро ба ӯ нисбат мекунанд. Ва баҳрӣ ҷонвари хушхулқу бетакаббур аст. Бо одамӣ зуд унс мегирад ва касе ошёнаи ӯро надида. Ва дар Дакан охири **баршигол** (мавсими борон) аз тарафе меояд ва мегӯянд дар миёни дарё наздики Ҳабаша дар ҷазираҳое, ки маъмурӣ надорад (нообоdанд), байза мениҳад ва

бача меорад. Модаи ӯ аз нар бузургтар аст ва далертар ва гирандатар. Ва ба унвон мухталиф мебошад. Ва беҳтарин рангҳои ӯ он аст, ки ба сиёҳӣ моил бошад ва синаи кушода дошта бошад ва дум ба тариқи думи лаккар бошад. Ва ин синфро боздорони Дакан баҳрии сиёҳи лаккарту мегӯянд ва лаккарту ҷонварест, ки дар тамоми Ҳинд мебошад, илло дар Хуросон нест ва аксар баҳриҳоро бар дум зиёда аз даҳ пар намебошад. Ва нодир он баҳрӣ мешавад, ки думи ӯ сездаҳ пар ё чаҳордаҳ пар дошта бошад. Ва агар инчунин баҳрӣ, ки боло гуфта шуд, пайдо шавад, аз ҷумлаи баҳриҳо тезу далертар мебошад. Баҳрӣ ҷонварҳои бузург, ки даҳ баробари ӯ бошад, мегирад.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб ҳаром аст ва дар мазҳаби имом Молик (раҳ.) макруҳ.

**Ҳикмат.** Заҳраи ӯ бар ҷиҳати торикии чашм муфид аст.

БАБИҒО-ро ба форсӣ ва туркӣ тӯтӣ гӯянд. Ва ӯ аз аснофи худ бештар сабзранг мебошад ва пою минқори сурх дорад ва ин дар аксари вилояти Ҳиндустон мебошад. Ва тӯтии тамом сурхранг низ мебошад, ҳатто, ки минқор низ сурх мебошад ва қисме дигар мебошад. Баъзе боли ӯ сурху баъзе зард ва сару минқору пой сурх ва баъзе минқор зарду сиёҳ медоранд ва ин қисмро нурӣ мегӯянд ва ин дар Зеробод ба ҳам мерасад. Ва якранги сафед ва зард низ мешаванд ва низ як синф аз тӯтии сафедранг мебошад ва пойи сиёҳ ва баъзе пойи сурх ва низ баъзе тутӣ бар сар тоҷи сурх ё сафед медоранд ва ин синф ба ҷусса нисбати дигар тӯтиён зиёдтар аст ва ин дар Ҳинд кокотуво ва кокотуту мегӯянд. Ва ӯ низ дар Зеробод мебошад. Ва ҷамиъи ақсоми тӯтӣ сухан мегӯянд ва мувофиқи таълим ҳар як ба ҳар забон гуфтан метавонанд ва забони тӯтӣ ба тариқи забони одамӣ аст. Аз ин ҷиҳат ҳуруф мустақим метавонад гуфт. Ва шунида шудааст, ки сураҳои Қаломуллоҳ мисли «Фотиҳат-ул-китоб», «Қулҳуваллоҳу аҳад» ва ғайра тӯтиро таъмил кардаанд. Ва тӯтии сурхранг, ки аз Зеробод меоранд, ҳар рӯз қаранфул соида дар пеши тӯтӣ мениҳанд, то ӯ худро дар он об андохта ғусл мекунад ва ғӯтаҳо мехӯрад. Агар чанд рӯз чунин накунанд, ҷонварони кӯчак дар зери пои ӯ пайдо шуда, ӯро озор мерасонанд.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ дар мазҳаби имом Ҳанифа (раҳ.) ва имом Молик (раҳ.) ҳалол аст ва дар мазҳаби Шофеъӣ (раҳ.) ду ривоят аст. Яке он ки мамнӯъул акл мунҳил қатл (хӯрданаш мумкин нест ва қатлаш манъ) аст ва фатво бар ин аст. Дуввум он ки ҳалол аст. Ва дар мазҳаби шиъа низ ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Хӯрдани гӯшти ӯ фасоҳат орад ва равшании чашм зиёда кунад. Хӯрдани заҳраи ӯ лакнати (гирифтани) забон

бибарад. Ва хунашро агар хушк кунанд ва дар миёни дӯстон пошанд, душманӣ пайдо шавад.

БУРҒУС-ро ба форсӣ кайк ва ба туркӣ юраҳ гӯянд. Ҷонвари сиёҳи кӯчак, ҷаҳанда, газанда аст. Аз хок пайдо мешавад бедиранг, хусусан дар хонаҳои торики касиф, намнок ва дар охири зимистон ва аввали баҳор пайдо мешавад.

Бо мода бисёр ҷуфт мешавад ва тухм мекунад. Бештар хӯриши ӯ хун аст. Ва агар дар пироҳан ва шалвори одамӣ равад, ташвиши бисёр мерасонад. Чунончи аз ин байт ӯ (кайк) маълум мешавад.

**Байт:**

Рег дар кафшу кайк дар шалвор,
Беҳтар аз ҳамнишини ноҳамвор.

Ва машҳур аст, ки чун бӯи харзаҳра (бедгул) бишамад, бимирад.

**Ҳукм.** Хуни ӯ агар дар бадану ҷома бошад, бо он намоз метавон гузорид ба ҷамиъи мазоҳиб ва ҳоҷати шустан надорад, хоҳ бисёр бошад хоҳ андак. Ва баъзе гуфтаанд, ки агар бисёр бошад, бояд шуст.

**Ҳикмат.** Ҳукамо гуфта, ки дар хонае кайк бисёр бошад, агар гӯгирд дуд кунанд, ҳама бигрезанд ва ҳамчунин сиёҳдона ҷӯшонида оби онро биафшонанд ё пӯсти норинҷро бисӯзонанд, кайк биравад.

**Фоида:** аз ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) марвист (ривоят аст), ки ҳар кас ки ҳафт бор ба қадаҳи об ин оятро бихонад, ки: **Ва мо лано ан-ло натаваккала ъалаллоҳи ва қад ҳадайно субулано ва ланасбиванна ъало мо азайтумуно ва ъалаллоҳи фалятаваккали-л-мутаваккилуна.** Баъд аз он бигӯяд: **Фа ин кунтум мӯъминина факкуфу шаракум ва азокум ъанно.** Баъд аз он бияфшонад он обро ба атрофи ҷомаи хоб аз шарри кайк эмин шавад.

БАЪУЗ-ро ба форсӣ пашша ва ба туркӣ сапак хонанд. Пашша ду ҷинс аст, бузург ва кӯчак. Бузургро араб баҳ гӯянд ва кӯчакро баъуз гӯянд. Ва баъуз хурдтарин паррандагон аст ва ба ҳаёти бузургтарин ҳайвон, ки фил аст, махлуқ шуда ва ба ду пар ба фил зоид аст. Чи фил чаҳор пой ва хартуме дорад ва пашша ҳам чаҳор пой ва хартум ва ду пар низ дорад. Гуфтаанд қудрати холиқ, аз хулқи пашша қиёс бояд кард, ки ҷонвари кӯчак ал-ҷусса рӯй ва димоғ ва қуввати дидану шунидан ва ғизо талабидан ва сӯрохе, ки аз он ғизо хӯрад ва сӯрохи дигар, ки аз он ҷо фазла (саргин) берун равад, халқ карда. Ва дар пашша даҳону устухон нест. Аз хар-

тум ғизо ба дарунаш равад ва хартуме бад-он нозукӣ ва борикиро он қадар қувват дода, ки ба пӯсти фил ва гов ва амсоли онҳо бад-он ситабрӣ (ғафсӣ) фурӯ меравад. Ва пашша ҳарис аст ба макидани хун. Ва гоҳ аст, ки чандон мехӯрад, ки шақ мешавад (мекафад) ва аз паридан оҷиз мегардад, то ҳалок мешавад. Ва гоҳ аст, ки чаҳорпойро чандон мегазад, ки ӯро мекушад ва чаҳорпойи дигар, ки гӯшти он чаҳорпойро дигар бихӯрад, бимирад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст ба мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат, магар ба мазҳаби Молик макруҳ аст. Ва дар мазҳаби шиъа низ ҳаром аст. Ва хуни ӯ агар ба бадану ҷома бирасад, афв аст. Ҳоҷати шустан надорад ва ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Агар сари пашша бо қадре самғи шилми арабӣ се рӯз ба соҳиби таби рибъ бидиҳанд (таб) биравад. Ва чун ҳар шаб бадани худро ба равған бимоланд, захми неш муассир (таъсиркунанда) нагардад.

БАҒЛ-ро ба форсӣ астар (хачир) гӯянд ва ба туркӣ фотир. Ва ӯ аз аспу хар мутаваллид шуда. Аз ин ҷиҳат хар узве аз вай мушобаҳат дорад ба ҳарду ва ҳамчунин дар одот ва хавос гоҳе мушобеҳи асп ва гоҳе мушобеҳи хар мебошад. Ва он ки падараш хар бошад, беҳтар аст аз он, ки модараш хар бошад. Ва дар ӯ хавоси фарасӣ (аспӣ) бештар аз ҳиморӣ (харӣ) аст ва дар шакл ба модар монанд, нар бувад. Ва он чи аз аспу гавазну хар мутаваллид шавад, беҳтар бувад, аммо нодир аст. Ва астар дарозтарин ба умр аз ҳайвоноти аҳлӣ (хонагӣ) аст. Ба сабаби ҷимоъ, чунончи гунҷишк бисёр камумр ба нисбати дигар ҷонварон аст. Сабабаш касрати (бисёрии) ҷимоъ. Ва мегӯянд, ки астар дар замони **Фаридун** пайдо шуд ва баъзе гуфтаанд аввал касе, ки астар пайдо кард, **Қорун** буд, аммо қавли аввал саҳеҳ аст ва машҳур аст. Астарро ба роҳе, ки як бор бибаранд, дигар бор аз худ ба ҳамон роҳ меравад ва ғалат намекунад. Ва астарро бача намебошад. Аз ҳазрати амирулмӯъминин Алӣ карамаллоҳу ваҷҳаҳу марвист (ривоят аст), ки **Намруд** оташ меафрӯхт ба қасди сӯхтани **Иброҳим** ъалайҳи салоту ва саллама шитобкашандатарин ҳайвонот астар буд дар маҳалли ҳезум бурдан. Аз ин ҷиҳат Ҳақ субҳонаҳу таъоло насли вайро андохт ва ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) бар астар савор шуда ва Ҳақ субҳонаҳу таоло астарро зинат хонда ва бад-ӯ миннат бар халқ ниҳода ва Дулдул (астари мода), ки машҳур аст ва ҳазрати амир Алӣ карамаллоҳу ваҷҳаҳу дар ҷангҳо бар он савор мешуданд. Он ҳам астар буд, ки пайғамбари худо салаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ва саллам ба ҷаноби амир иноят фармуда буданд.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ макруҳ аст ба мазҳаби шиъа ва ҳаром аст

ба мазҳаби шофеъӣ ва ҳанафӣ. Аммо пеши Муҳаммад (раҳ.) ва Абуюсуф (раҳ.) дар ин масъала тафсилест, чунончи далоилҳои (далелҳои) ҳар як дар ин ҷо муҷиби таволат (тӯл кашидан) аст ва пеши Молик макруҳ аст ва баъзе аз асҳоби Молик ба ҳурмати ӯ рафтаанд.

**Ҳикмат.** Дили астар ҳар зане, ки бихӯрад, обистан нашавад ва агар суми ӯ бисӯзанд ва бо равғани мӯрд бар ҷое, ки мӯ наруяд, бимоланд, мӯй барояд ва доъуссаълаб дур кунад. Ва агар суму мӯй ва саргини астарро дар хона дуд кунанд, муш бигрезад. Ва агар бача дар шиками аврате мурда бошаду берун наояд, шошаи астарро бихӯронанд, бача аз шикам биафтад. Ва пӯсти астарро агар зани ҳомила бардорад, бачааш дарзамон биафтад ва агар ҳомила набошад, бор гирад. Ва агар чирки гӯши астарро шиёф сохта ба худ бар гирад, обистан нагардад. Ва агар пашми астар бо хуни вай дар остонаи хона дафн кунанд, муш аз он ҷо бигрезад. Ва аз ғароиби ӯ он аст, ки шахсе зуком дошта бошад, саргини астарро бӯй кунад ва туф бар он андозад ва дар роҳ бияфканад, ҳар кас ки бар он бигзарад, ӯро зуком шавад ва он шахси аввал халос шавад.

БАҚАР-ро ба форсӣ гови дароздунбол гӯянд ва ба туркӣ сақру ва болвон. Мухталиф бошад. Ҷонвари пурқувват ва касирулманфаат (серфоида) аст ва мадору ободонии ҷаҳон бар ӯст. Дар Ҳиндустон бештар аз ҳама ҷо мебошад. Ва аз ғароиби аҳволи ӯ он, ки овози модааш басалобаттар аз овози нар аст.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) фармуд, ки шири гов шифо аст ва гӯшти ӯ доъ аст, яъне беморӣ. Ва бидон, ки дар ширдони гови ҳиндӣ чизе мебошад ба тариқи зардаи тухми мурғи пухта ва онро хаҷар-ул-бақар ва ҷовзираи говзахр гӯянд, бағоят гарм бувад ва он монанди позаҳр дар амал бошад ва дар бодҳо тало кардан ва хӯрдан судманд бувад. Ва чун саҳқ кунанд (бисоянд) ва (бо) шароб сиришанд ва бар мавзее, ки муфид бувад, бимоланд, мӯи сиёҳ барояд ва агарчи сабаби он доъуссаълабу барас (песӣ) бошад, аммо ҷилди (пӯсти) сафед сиёҳ накунад. Хокистари шохи гов табро зоил кунад ва қуввати боҳ бияфзояд ва агар дар бинӣ даманд, руъоф (хун) боз дорад. Ва агар пиҳи говро бо зарнихи сурх (гӯгирди бо маргимуш омехта) дар мавзее дуд кунанд, газандаҳо аз он мавзеъ бигрезанд. Ва агар пиҳи ӯро бар кӯза моланд ва дар замин ниҳанд, ҳар кайке, ки дар он ҷо бошад, бар он ҷамъ шаванд. Заҳраи говро агар ба об омехта бар

бавосир тало кунанд, нофеъ бувад. Ва заҳраи ӯро агар бар дарахт моланд, кирм дар меваи он наяфтад.

БУМ-ро ба форсӣ ҷуғд гӯянд ва ба туркӣ саркус. Мурғест, ки дар шаб хоб намекунад ва шикор дар шаб мекунад ва бисёр шавкату қувват дорад. Дар шаб бар аксари ҷонварон ғолиб аст ва дар ошёнаи онҳо меравад ва бачаи эшонро мехӯрад ва чун рӯз шавад, пинҳон мегардад ва ба гумони он, ки ба ҷамоли ӯ чашм нарасад. Ва агар рӯз берун ояд, ҷонварон дунболи ӯ кунанд ва ӯро озор расонанд, ба тахсис (махсусан) калоғ (зоғи даштӣ). Ва баъзе шикориён ӯро мегиранд ба рӯз ва дар пеши дом мегузоранд. Калоғон ва дигар ҷонварон меоянд, ки қасди ӯ кунанд ва дар дом меафтанд. Ва бум анвоъ (ҳар навъ) мебошад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти ӯ назди шиъа ва дар мазҳаби ҳанифӣ ва Шофеъӣ ва Ҳанбал ҳалол аст. Ва ба як ривоят назди Шофеъӣ ҳаром аст, аммо фатво бар он нест.

**Ҳикмат.** Чун бумро бикушанд, як чашмӣ ӯ кушода мемонад ва як пӯшида. Он чашми кушода, ки ҳар ки бо худ дорад, дар хоб нашавад. Ва баъзе гуфтаанд, як чашми бум, ки ба об фурӯ наравад, онро тофӣ хонанд, бехобӣ оварад ва як чашм, ки ба об фурӯ равад, хоб оварад. Заҳраи ӯ торикии чашмро дур кунад. Ва дилаш агар соҳиби қулинҷ ва лақва (каҷшавии даҳон ва рӯй) бихӯрад, шифо ёбад. Ва агар чашми ӯро бо мушк хилт карда, касе нигаҳ дорад, дар чашми мардум ширин намояд. Заҳрааш агар бар хокистари чӯби булут хилт карда (омехта) бихӯранд, санги масонаро хурда карда берун оварад. Ҷигараш заҳри қотил аст. Қасе ки бихӯрад, қулинҷе пайдо шавад, ки давопазир набошад. Ва агар мағзаш бо равған хилт карда дар сар моланд, ашо (шабкӯрӣ) ва торикии чашмро бибарад.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки Қисро шахсеро фармуд, ки бадтарин мурғеро шикор кун ва ба бадтарин ҳезуме кабоб соз ва ба бадтарин шахс деҳ. Он шахс бумеро гирифт ва ба ҳезуми талха кабоб кард ва ба хӯрдани омиле (волие) дод, ки қасди моли мусулмонон ба ноҳақ мекард.

## ҲАРФ-УТ-ТО

ТАЗАРВ-ро ба форсӣ низ тазарв мегӯянд ва ба туркӣ фарғодул. Мурғест некусурат ва хушовоз ва гӯшташ бағоят хуштаъм бувад. Ва гӯянд, ки ба вақти хушии ба ҳаво вазидани боди шимол фарбеҳ мешавад. Ва ба вақти кудурати ба ҳаво вазидани боди ҷануб лоғар мегардад. Ва дар вақти зилзила

ҳама як ҷо шуда, фарёд мекунанд ва баъд аз он зилзила мешавад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Агар оби заҳраи ӯ ба бинӣ чаконанд, васвосро нофеъ бувад. Ва хӯрдани гӯшти ӯ фаҳму қуввати ҷимоъро зиёда кунад.

ТИМСОҲ-ро ба форсӣ наҳанг гӯянд ва ба туркӣ балғунии салайқун. Ҷонвари кареҳманзар (зиштсурат) аст, даҳанфарох ва сардароз ва миёни об мемонад ва занахи зерини (ҷоғи поёни) ӯ бисёр калон мебошад ва дар сина часпида. Ба хилофи ҷонварон ба вақти хӯрдан ва хоидани чизе нимаи болои ӯ ҳаракат мекунад. Ва ҷилдаш (пӯсташ) ниҳоят мустаҳкам ва сахт ва пушти ӯ мисли пушти сангпушт мемонад. Ва чаҳор пой дорад ва то ба дарозӣ даҳ газ ва паҳнояш қариб ду газ. Ба мулоҳизаи баъзе мардумон расида ва одамӣ ва говмеш ва гӯсфанд ва ҳарчӣ аз ҳайвонот дар миёни об ба дасташ афтад, боз раҳо шудан маҳол аст. Ва наҳангро сӯрохие, ки аз он фазарот (саргин) берун ояд, нест, аммо нараш закару модаааш фарҷ (олати модина) дорад. Ва чун шиками вай пур мегардад, аз об берун ояд ва даҳон боз мекунад. Мурғаке хурд, ки онро асофир (гунҷишкон)-и тилкоҳ гӯянд, меояд ва ба даҳони ӯ меравад ва он чӣ дар даҳони ӯ ёбад мехӯрад ва он мурғак бар сари худ хоре дорад ва чун наҳанг даҳан барҳам ниҳад, он хор ба даҳани ӯ мезанад то мекушояд. Ва наҳанг дар дарёи Миср бисёр мебошад ва ҳар вақт хоҳад, ки бо мода ҷуфт шавад, модаро бар пушт гирифта аз об берун меояд ва ҷуфт мегардад. Тухм дар хушкӣ мениҳад ва аз бачагони вай ҳар қадар, ки дар об меравад, наҳанг мешавад ва он чи дар хушкӣ мемонад, сақанқур (ҷонварест аз ҳашаротуларз мисли сусмор) мешаванд. Ва пайдоиши сақанқур хос ба самти Миср аст ва дар Ҳиндустон намешаванд ва чун дар шаҳри Миср наҳанг бисёранд, лиҳозо ҳукамо тилисме сохтаанд, ки то як фарсанг қариб ба атрофи Миср ба касе мазаррат намерасонанд. Ва машҳур аст, ки ӯро наметавон зад, магар дар зери бағал, чаро ки ҳеҷ силоҳ бар пушти ӯ кор намекунад. Ва наҳангро бо саг адовати куллӣ аст. Агар касе хоҳад, ки наҳангро аз об берун оварад, сагеро дар канори дарё баста бизанад, аз овози ӯ фавран наҳанг аз дарё берун ояд.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба мазҳаби Молик (раҳ.), ҳанифӣ, ва дар мазҳаби Шофеъӣ (раҳ.) ду қавл аст, асҳ (саҳеҳ) он аст, ки ҳаром аст, ва дар мазҳаби шиъа низ ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Чашмашро агар касе, ки дарди чашм дошта бошад, бибандад (яъне ба худ), нафъ бахшад, ба шарти он ки

ҳар чашми одамӣ, ки дард кунад, ҳамон чашми наҳанг бар ӯ банданд — ростро ба рост, чапро ба чап. Ва агар пиҳи ӯро бо мум фатила созанд ва равшан (дар гиронда) карда дар об андозанд, зифдоъ (қурбоққа, ғук) фарёд намекунад дар он об модоме, ки фатила фурӯхта (афрӯхта) бувад. Агар захраи ӯ дар чашм кашанд, баёз (сафедӣ) бибарад. Агар дар зери маҷнун (девона) бухур кунанд, ҷунун аз вай зоил шавад. Ва агар дандони вай, ки аз ҷониби рост бошад, бигиранд ва бар бозуи рост банданд, бар муҷомаат қуввват диҳад ва муҳаррики тамом бувад боҳро. Ва агар пиҳи вай дар пешонии гӯсфанди ҷангӣ бимоланд, ҳар гӯсфанде, ки дар баробари вай оранд, бигрезад.

ТУРУМТОЙ-ро ба форсӣ ва туркӣ ҳамин ном аст. Ҷонвари шикорӣ, таълимпазир, кӯчак аст. Модаи ӯ аз нар бузургтар бошад. Ва ӯ аз ҷамиъи ҷонварон далертар аст. Ва ӯро бар ҳар ҷонваре, ки бигзоранд, то ӯро нагирад, намегузорад. Ва қоида ҷунин аст, ки ҷуфти ӯ аз дунболи ҷонвар мефиристанд ва бисёр шикори ширин дорад.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб ҳаром аст, магар ба мазҳаби молик, ки макруҳ аст.

**Ҳикмат.** Заҳрааш агар дар чашм кашанд, торикиро нафъ бувад.

## ҲАРФ-УС-СО

САЪЛАБ-ро ба форсӣ рӯбоҳ ва ба туркӣ маллагӣ гӯянд. Ҷонвари маҳилбисёр (бисёр ҳиллагар) аст. Чунончи дар ҳилла мардумро ба ӯ ташбеҳ карда, мегӯянд: **Аҷзаъу мин-ас-саълаби.**

Ва чун кайк бар ӯ ғалаба кунад, намадпора дар даҳон гирифта, худро оҳиста-оҳиста дар об фурӯ мебарад ва чунонки ҳама кайкҳо бар гирди даҳони ӯ ҷамъ шаванд. Он гоҳ сар дар об барад, кайку супуш (шабуш) дар намадпорае, ки дар даҳан дорад, аз сару рӯи ӯ бад-он намадпора раванд. Пас филҳол ғӯта мехӯрад ва меҷаҳад ва аз ташвиши кайк наҷот ёбад. Ва дигар он ки ҷисми худро пурбод карда, бар пушт менишинад ва пойҳои худро бар ҳаво мекунад, чунончи ҷонварон гумон мебаранд, ки мурдааст, наздики ӯ барои хӯрданаш мераванд, пас ӯшонро мегирад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти вай ба мазҳаби ҳанифӣ. Ҳалол аст назди Шофеъӣ ва Ҳанбал ва Молик ва назди шиъа ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Агар сари ӯро дар кабӯтархона ниҳанд, кабӯта-

рон аз он ҷо бигрезанд ва гӯшти вай дар марази фолиҷ ва лақва муфид аст. Пиҳи вай чун дар даҳан гиранд, дарди дандон зоил (нест) кунад. Агар бо пӯсти тухми мурғ сӯхта биёмезанд, доъуссаълабро нофеъ бувад. Чун онро бар ҷома ё чӯбе тало кунанд ва дар хона ниҳанд, ҷамиъи кайкон бар он ҷамъ шаванд. Ва пӯсти вай бағоят гарм бувад. Аз он пӯсти вай агар пӯстин созанд, пирон ва мардуми сардмизоҷонро ва занонро пӯшидани он муносиб бошад. Ва мардуми маҳрурулмизоъ (мизоҷашон гарм)-ро бояд, ки аз пӯшидани он эҳтироз (дурӣ) намоянд.

## ҲАРФ-УЛ-ҶИМ

ҶОМУШ-ро ба форсӣ ва туркӣ говмеш гӯянд. Ҷонвари қавиҳайкал, пурқувват аст. Аксар авқот дар миёни об мебошад. Ва дар Ҳиндустон аз ҳама ҷо бештар аст. Аҳлӣ (хонагӣ) ва ҷангалӣ (ваҳшӣ) ҳарду мебошад. Ва ҷангалии он душмани шеру паланг ва аксар авқот бар ҳарду ғолиб аст, аммо забун ба шер аст. Ва дар димоғи ӯ кирмест, ки ҳамеша азоби ӯ кунад, бад-он сабаб хоби нек натавонад кард. Ва мадори аҳли Ҳинд бар ширу равғани ӯст.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Кирми димоғаш бехобӣ оварад. Пиҳи бо об ва намак омехта бар калаф (доғ) ва барас (песӣ) ва иншиқоқ (кафидагӣ) тало намоянд, нафъ бахшад.

ҶАРОД-ро ба форсӣ малах ва ба туркӣ ҷақрудал хонанд. Ҷонварест кӯчак ва парранда. Панҷ узви ӯ ба панҷ узви ҷонварони калон мушобеҳ аст: чашми ӯ ба чашми фил ва гардани ӯ ба гардани гов ва синаи ӯ ба синаи шер ва пойи ӯ ба пойи шутурмурғ ва пари ӯ ба пари уқоб. Ва гоҳе боиси ҳалоки мардум мегардад ва чаро ки ғалла ва зироат ва дарахтҳоро мехӯрад ва қаҳт мешавад. Ва гоҳ мебошад, ки агар қаҳт ба сабаби дигар ба ҳам расад, чун ӯ дар он рӯзҳо пайдо мешавад, сабаби қути мардум мегардад. Ва малах ба тариқи лашкари азим дар ҳаво мешавад ва дар миёни онҳо яке калонтар мебошад, ки ҷумла мутеъи ӯ мебошанд. Ҳар ҷо, ки ӯ фуруд меояд, ҳама фуруд оянд.

**Ҳукм.** Ҳалол аст ба иттифоқи ҷамиъи уламо, аммо имом Молик (раҳ.) шарт намудаанд, ки сари ӯро бинанд аз ӯ, чаро ки луоби даҳани ӯ заҳр аст. Ва дар Аҷам ба ғайр аз мардуми Лур касе намехӯрад, балки онҳо дар хӯрдани ӯ ифрот мекунанд.

**Ҳикмат.** Агар малаххоро зери касе, ки сӯзок дошта бошад,

бисӯзанд, нофеъ бувад. Билтахсис (хусусан) занонро бисёр нафъ диҳад. Низ бухури ӯ бавосири бодиро судманд бувад ва гӯянд, ки малахи дарозпоро дар гардани соҳиби таби рибъ банданд, нофеъ бувад. Ва агар дувоздаҳ малахро сару дум биандозанд ва ба қадре мӯрди хушк соида биёшоманд, истисқоро нофеъ бувад.

## ҲАРФ-УЛ-ҲО

ҲУБОДА-ро ба форсӣ чарз ва ба туркӣ қафдоъ гӯянд. Ва ӯ мурғе калон, тезпар, гардандароз аст. Чунончи аз тезпарии ӯ нақл кардаанд, ки касе ӯро дар Басра сайд карда, чун шиками ӯро шикофт ва дар андаруни вай сиёҳдона, ки дар билоди Шом мебошад, ёфт. Ва ӯ дар талаби дона бисёр ҳила менамояд. Ва бо ин ҳама гоҳе аз гуруснагӣ мемирад. Ва дар миёни мардум машҳур аст, ки вай худро беҷон сохта, аз хавфи чурра (бози нар) ва бахрӣ мисли мурда шуда, аз боло ба зер меафтад ва аз ин ҳила аз дасти онҳо наҷот мeёбад. Ба бозу чурраро дар ҳолати парвози ӯ гирифтан маҳол аст, ило агар бахрии бисёр тезпар бошад, метавонад ёфт.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб, илло ба мазҳаби шиъа макруҳ аст. Ва дар Ҳадиси шариф омада, ки ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) гӯшти ӯ ба қадре хӯрдаанд.

**Ҳикмат.** Агар касеро хоб бисёр ояд, дили вайро бар ӯ банданд, хоб камтар кунад. Ва агар пӯсти андаруни сангдони ӯ хушк карда, соида, ба намак андаруни (дар) чашм кашанд, дар ибтидои нузули об (обравӣ) бағоят нафъ расонад ва сафедии чашм дур кунад. Ва дар сангдони вай санге бошад. Чун онро бар касе банданд, руъофро (хунравӣ аз биниро) дафъ созад, сареъуласар аст. Ва то ки ӯ ҳамроҳ бошад, руъоф авд (бозгашт) накунад. Ва низ барои заҳмати исҳол муфид аст. Байзааш беҳтарин давост дар адвияи хизоб.

ҲАҶАЛ-ро ба форсӣ кабк ва ба туркӣ анбодун гӯянд. Мурғест шикорӣ, зебосурат, хушхиром, ширинсафир (хушхон). Бузург ва кӯчак мебошад. Бузургашро кабки дарӣ ва кӯчакро кабки кӯҳӣ мехонанд. Ва араб кабки бузургро яъқуб хонанд. Гӯянд, ки гоҳ бошад, ки кабки мода ба муҷарради шунидани овози кабки нар тухм ниҳад ва гоҳ бошад, ки ба хоке, ки кабки нар гузашта бошад, биғалтад ва он хок бар пойи худ пошад, тухм биниҳад. Ва ду ошён созад ва тухм дар ду мавзеъ ниҳад. Якеро нар муҳофизат намояд, якеро мода. Он чи нар муҳофизат намояд, бачааш нар бошад ва он чи мода муҳофизат намояд, бачаи он мода бошад. Ва умраш ба даҳ сол мерасад ва ғайрати бисёр дорад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гўшти ў ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Агар ҷигараш бирён карда ба кўдак диҳанд, аз саръ эмин шавад. Ва гўшташ дафъи истисқо кунад ва қуввати боҳ диҳад. Ва заҳрааш дар чашм кашанд, нофеъ бувад. Ва агар оби заҳраи вайро дар бинӣ чаконанд, зеҳнро тез кунад ва қуввати ҳофиза диҳад.

ҲИЗОТ-ро ба форсӣ мушгир ва ғалевоз ва заған ва ҳод хонанд ва туркиён онро чалғон гўянд ва хасистарин мурғон аст. Гўянд, соле нар бошад ва соле мода. Чунончи Анварӣ гуфта.

**Байт:**

Рўзгоро чун зи анқо менаёмўзӣ субот,
Чун заған то чанд соле модаӣ соле нарӣ.

Зағанро ғуроб (зоғ) душман бувад, бачаҳои вайро мекушад. Ва заған сайд намекунад, балки мерабояд. Ва дар миёни паридан сокин мешавад, чунончи парҳои вай ҳаракат намекунанд. Гўянд беҳтарин мурғон аст дар ҳаққи ҳамсоя. Чунончи агар аз гуруснагӣ бимирад, ҳаргиз қасди бача ва тухме, ки наздики ў бошад, накунад.

**Ҳикоят.** Машҳур аст, ки дар замони ҳазрати Сулаймон алайҳиссалом мушгир ба тариқи боз ва бахрӣ дар ҷумла атрофи олам шикор мекард. Чун ҳазрати Сулаймон алайҳиссалом дуъо фармуданд, ки худоё мулке деҳ, ки баъд аз ман касеро набошад ва чун сайд карданд, мушгир дар ҷумлаи олам буд. Ва баъд аз фавти Сулаймон алайҳиссалом бартараф шуд.

**Ҳукм.** Гўшти ў ба ҷамиъи мазоҳиб ҳаром аст ва дар Ҳадиси шариф ворид аст, ки он Ҳазрат саллаллоҳу таъоло алайҳи ва олиҳӣ ва саллам амр ба куштани ў кардаанд, ҳатто ки агар ҳаромбаста бошад, бикушад. Аз ин ҷиҳат баъзе уламо куштани ўро воҷиб медонанд. Ва назди баъзе куштани ў суннат аст.

**Ҳикмат.** Хуни вай чун бо андак гулобу мушк хилт карда биёшоманд, судманд бувад ҷиҳати рабуди зиқуннафас (тангии нафас). Ва чун пари ўро сухта хокистари он бо оби нимгарм биёшоманд, ниқрисро нофеъ бувад. Ва заҳраи вайро чун дар соя хушк карда, нигоҳ доранд ва агар касеро, ки ҷонвари музӣ (зиёновар) чун мору ақраб газида бошад, заҳраи ў дар қадре об ҳал карда, дар чашми ў се мил (се сурмачўб) аз он кашанд нафъ бахшад, лекин агар захми ў ба тарафи рост бошад, инро чап кашанд. Ва агар захм ба тарафи чап бувад,

инро ба тарафи рост кашанд. Ва агар мушгирро дар хона биёвезанд, дар он ҷо мору каждум намонад.

ҲИМОРИ АҲЛӢ-ро ба форсӣ хари дарозгӯш ва ба туркӣ асак гӯянд. Ва ӯ ҷонвари бурдбор ва бадовоз ва ҷафокаш ва мискин ва камозор ва собир аст. Араб дар сабр мардумро ба ӯ ташбеҳ дода мегӯянд: «Ас-сабру мин ҳиморин». Ва як бор ба роҳе, ки рафт, дигар бор бад-он роҳ тавонад рафт. Ва шерро ба хӯрдани он рағбати тамом аст. Агар дар ҳолати сайд кардан овози ӯ аз дур бишнавад, аз дигар сайд рӯй гардонида, қасди ӯ кунад. Ва умраш аз чиҳил сол зиёда намебошад.

**Ҳукм.** Гӯшту шири ӯ назди Шофеъӣ ва Ҳанбал ва Ҳанифӣ ҳаром аст. Ва ба мазҳаби молик ва шиъа макруҳ аст.

**Ҳикмат.** Қаждумгазида чун бозгуна бар хар нишинад ва хар давон шавад, алам (дард) таскин ёбад. Ва агар дар гӯши хар гӯяд, ки маро каждум газида, дард сокин гардад. Ва агар дар аввали сол масруъ пешонии вайро бо худ дорад, то як сол аз масруъ эмин шавад. Пӯсти пешонии дигаре бигирад, бо худ нигоҳ дорад ва то соли дигар маҳфуз монад, ҳамчунин ҳар сол ба амал орад. Ва агар чирки гӯши вай ба хӯрдани кӯдаке диҳанд, манъи гиристан намояд. Ва агар аз сумаш ангуштарӣ сохта, касе ки заҳмати саръ дошта бошад, бо худ дорад, нафъ расонад. Оби саргини тозааш агар дар бинӣ чаконанд, манъи омадани хуне, ки аз димоғ бошад, намояд. Ва агар сиркаро ба саргини хар андохта бибӯянд, ҳамин асар бахшад. Ва агар дандонаш дар зери болин ниҳанд, хоб оварад. Хӯрдани шири ӯ маслулро (силро) нофеъ бувад.

ҲИМОРИ ДАШТӢ-ро ба форсӣ гӯрхар ва ба туркӣ фулон гӯянд. Ва ӯ ба рангҳои мухталиф бошад, аз ин ҷумла тираранг аст. Умраш бештар бошад. Аҳли таърих бар онанд, ки умри вай то дувист сол бошад. Чунончи дар афвоҳи авом (даҳони мардум) шоеъ (машҳур) аст, ки гӯрхаре ба доғи (тамғаи) Баҳроми Гӯр ёфта буданд ва ин сухан машҳур ба авом (омма) аст. Ва назди баъзе умри ӯ то сесад сол мерасад. Ва асли ӯ аз аҳди Кисро Ардашер аст, яъне дар замони ӯ ба ҳам расида, балки ба фармудаи ӯ ҳосил карданд. Баъд ӯ гуреҳта ба саҳро рафт ва аз ӯ таволуду таносул ба ҳам расид.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб, ило шиъа, ки дар мазҳаби ишон макрӯҳ аст, ҳар чанд ки хонагӣ шавад, насл гирад.

**Ҳикмат.** Хӯрдани гӯшти вай заҳмати мафосилро нафъ расонад ва заҳраи вай мӯйрехтанро дур созад ва ҳамчунин

заҳраи вай агар бачаро, ки дар хоб мешошад, бидиҳанд, манъи он кунад. Ва назар кардан дар чашми гӯрхар равшании чашмро зиёда кунад ва манъи нузули об кунад. Ва агар оби заҳраи ӯро дар чашм кашанд, ҳамин нафъ бахшад. Ва пиҳи ӯро агар бо равғани занбақ (савсан) тало кунанд, бахақро дур кунад. Ва сумашро чун бисӯзанд, хокистари он равшании чашм диҳад, низ манъи рафтани хун аз бинӣ кунад. Ва нигоҳ доштани сумаш ҷунуну саръро зоил кунад.

ҲАМОМ-ро ба форсӣ кабӯтар гӯянд ва ҳам ба луғат итлоқ мекунанд ба ҳар мурғе, ки тавқ дошта бошад чун қумрӣ ва фохта ва ғайра. Алалҳол ба урфи омма мардум (мардуми оддӣ) махсус кабӯтарро мегӯянд. Ва ба туркӣ кӯркохӣ хонанд. Ва аз табиати ӯст, ки хонаву ошёнаи худро металабад, агарчи ҳазор фарсанг дур рафта бошад ва даҳ сол гузашта бошад. Ва баъзе аз асҳоби таърих (таърихдонон) нақл кардаанд, ки кабӯтар дар як рӯз се ҳазор фарсангро фатҳ намуда. Ва Арасту мегӯяд, ки умраш то ҳазор сол мерасад. Ва нару модааш ба ҳам ба шеваи ӯмиён (қавми араб) мулоаба (бо ҳам бозӣ) менамоянд ва бӯсаҳо мегиранд. Ва аз эшон ҳаракате, ки муҷиби изо (ранҷ) ва шаҳват мешавад ва ба зухур мерасад. Аз ин ҷиҳат аксари мардум дар хонае, ки мастурот (аҳли парда) мемонанд, кабӯтаронро нигоҳ намедоранд. Ва касеро, ки қусуре дар шаҳват ба ҳам расад, муносиб аст дидани эшон. Ва дар ҳадис омадааст, ки шахсе аз танҳоӣ пеши он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳӣ ва саллам шикоят кард. Расули худо (с) иршод фармудаанд, ки як ҷуфт кабӯтар ба хонаи худ нигоҳ дор. Аз ҳазрати амиралмӯъминин Алӣ干 каррамаллоҳу таъоло ваҷҳаҳу манқул (нақл) аст ба дурустӣ, ки бонги (садои) ҷаноҳи (боли) кабӯтар дур мекунад шаётинро. Ва манқул аст (нақл мекунад), ки касе пеши имом Ҷаъфар (раҳ) шикоят кард аз садамаи ҷин. Ӯ фармуд, ки сақфҳои хонаи худро ҳафт диръ (қабат) кунад ва дар атрофи хона кабӯтар нигоҳ дорад. Он шахс мегӯяд, ки ҳамчунон, ки он ҳазрат фармуда буд, ба амал овардам, боз дар хонаи худ аз ҷин макрӯҳие надидам. Ва машҳур аст, ки ҳазрати Нӯҳ (а) ғуробро фиристода буд, ки хабари об биёрад. Ӯ ба мурдор хӯрдан машғул шуд ва дар омадан таъхир намуд. Ҳазрати Нӯҳ (а) кабӯтарро фиристоданд. Қабутар рафт ва пеш аз ғуроб хабар овард. Ҳазрати Нӯҳ (а) дуъо фармуданд, ки худой ӯро тавқ бидиҳад, ки ба мероси бачаҳои ӯ бирасад. Ба сабаби дуъои Ҳазрати Нӯҳ ((а) худои таъоло ӯро тавқе дод.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб. Ҷоиз аст нигоҳ доштани ӯ ба ҷиҳати тухму бача ва мактуб фиристодан

ва талабидан ба дом. Аммо бозӣ кардан ва паронидан ва шарт бастан ба гузаштан дар паридан пеши шиъа ҳаром аст. Ва Шайхулислом, ки аз аҳли суннат ва ҷамоат аст, гуфта, ки кабӯтарбозӣ пеши уламои дин макруҳ аст. Ва Сӯфиёни Сурӣ гуфта, ки кабӯтарбозӣ амали қавми **Лут** аст ва гувоҳи кабӯтарбоз пеши Абуҳанифа (раҳ.) ва Молик дуруст нест. Ва дар мазҳаби шиъа низ дуруст нест. Ва дар мазҳаби шофеъӣ ба муҷарради ин гувоҳӣ рӯ наметавон кард.

**Ҳикмат.** Агар кабӯтар ранҷур шавад, ӯро малах бихӯронанд, шифо ёбад. Заҳрааш ғишои (пардаи) чашм барад ва равшанӣ оварад. Ва хунаш чун бар рӯй моланд, калаф (доғи кунҷидак) зоил кунад. Ибни Зуҳра гӯяд: дар хонае, ки кабӯтар бувад, аҳли он хона аз хадар (карахтшавии бадан) ва фолиҷ ва шикастагии аъзо ва ҷумуд (баста шудани об) эмин бошад. Агар бар хӯрдани гӯшташ мудовамат (давом) намоянд, зиракӣ бияфзояд. Хокистари устухонаш бар ҷароҳате, ки илоҷпазир набошад афшонанд, сиҳат диҳад. Агар кабӯтари зиндаро ду пора карда ба ҷое ниҳанд, ки каждум газида бошад, дардро сокин гардонад. Ва иктиҳол (ба чашм кашидан)-и хуни кабӯтар ба ҷиҳати ҷароҳате, ки дар чашм бошад, муфид аст. Агар узви касе шикаста бошад ва захми ӯ то ба устухон шавад, хуни кабӯтар бичаконанд, муфид гардад.

ҲУТ-ро ба форсӣ моҳӣ гӯянд ва ба туркӣ нобеъ. Ва аснофи (навъ) ӯ бисёр аст. Ва дар дарозӣ ба мартабае мерасад, ки тӯлаш аз як фарсанг зиёда шавад. Ва дар кӯдакӣ ба мартабае хурд мешавад, ки ба хубӣ маръӣ (дида) намешавад. Ва ҳар синфе номе дорад. Ва машҳур аст, ки дар замони ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) ҷамъе касир аз асҳоб дар сафаре гурусна шуданд. Моҳии анбар (кашалот) номро гирифтанд ва қути худ сохтанд. Ва як устухони паҳлӯи ӯ дар замин фурӯ бурданд он қадар баланд буд, ки уштурсаворе аз зери он мегузашт. Ва дар дарёи Занд моҳие мебошад, ки онро ба он самт мормоҳӣ ном номанд. Тӯлаш чаҳорсад ва понсад (зиръ; тахминан 48 см) мебошад ва ӯ моҳии пурфасод аст. Ҳақ субҳонаҳу моҳии кӯчакро ба ӯ мусаллат намуда (гумошта), ки гӯшташ ба дандон мегирад ва раҳо намекунад, то ӯро ҳалок нагардонад. Ва як навъи дигар аст, ки ӯро ҳутулҳайз мегӯянд. Бисёр калон мешавад ва киштиро аз рафтан бозмедорад ва зарар мерасонад. Ва дарёварзон ӯро нашиносанд ва ҳар гоҳ, ки ба дарё зоҳир мешавад, агар ҷомаи ба хуни ҳайз олуда дар дарё андозанд ва ё қариби он моҳӣ андозанд, моҳии мазкур аз он мегурезад. Ва наздики зани ҳоиз низ намеравад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ҳар моҳӣ пеши аҳли суннат. Ва

назди шиъа моҳие, ки фулус (пулакча) надорад, ҳаром аст. Ва хуни моҳӣ ба мазҳаби имом Абуҳанифа (раҳ.) ва шиъа пок аст. Ва ба мазҳаби шофеъӣ палид.

Ҳикмат. Агар ҷигари моҳиро хушк карда, соида ба узве, ки хун аз ӯ ҷорӣ бошад, бипошанд, манъи рафтани хун кунад. Ва агар миқдори як ҳисса аз заҳраи моҳӣ дар бинӣ чаконанд, нофеъ бувад.

ҲАЙЯ-ро ба форсӣ мор ва ба туркӣ ҳайлон гӯянд. Ва ӯро анвоъ бисёр аст. Як навъ аз он мукаллаҳ (кулоҳдор) аст ва он морест кӯчак, ки бар сар хутути (хатҳои) сафед дорад. Ва дарозии ӯ миқдори як даст бошад. Он мор ба ҳар замине, ки бигзарад бисӯзонад, чунончи муддатҳо дар он сарзамин гиёҳ нарӯяд. Ва аз масофати андозаи тир ҳар ки овози ӯ шунавад, одамӣ бошад ё ҳайвон, бимирад. Ва низ ҳар касро, ки аз дур назар бар он мор афтад, бимирад. Ва агар он касро, ки назари ӯ бар он мор афтода каси дигар бибинад ҳам бимирад. Ва низ агар касе он мурдаро бибинад, бимирад, агарчи морро надида бошад. Ва агар он мор одамӣ ё ҳайвонеро бигазад, бадани ӯ гудохта шавад. Ва ҳар мурғе, ки дар паридан муҳозии (баробарии) маскани ӯ шавад, аз асари заҳраш бимирад ва ба зер афтад. Ва як навъи дигар афъӣ аст, ки ҳолаш дар ҳарфи алиф навишта гузашта. Ва як навъи дигар низ морест, ки аҳли араб ӯро дайна мегӯянд. Ва он морест, ки одамиро чун аз дур мебинад ва дунбол мекунад ва аз замин барҷаста, ба тариқи тир худро бар ӯ мезанад. Ва мода аксар сӣ байза медиҳад. Ва байзаи мор ба ранги мухталиф мебошад: сабз, сафед, сиёҳ, хокистарранг ва холдор. Ва ба сабаби ихтилоф ранги байзаи ӯ маълум намешавад. Ва забони мор душақ (душоха) аст, чунончи баъзе гумон мебаранд, ки дузабон аст. Ва мор ба соле як навбат пӯст меандозад ва як нуқат бар қафояш зоҳир мешавад. Ва адади нуқатҳо адади соли умри ӯ мебошад. Ва умри ӯ дароз аст. Мегӯянд ба ҳазор сол мерасад. Ва ҳар море, ки аз сад сол гузашт, онро аждаҳо хонанд. Ва чашми мор дар сари ӯ намегардад ба тариқи боқӣ ҷонварон. Чашми ӯ дар сари ӯ маҳкам аст. Ва мор ба дидани оташ моил аст ва ба шаробу шир майл дорад. Гоҳе бошад, ки аз бисёрии май он қадар шароб мехӯрад, ки аз мастӣ ҳалок мешавад. Ва аз ғароиби аҳволи ӯ он аст, ки ба ғайри гӯшти ҷонвар агар зинда ба дамаш ояд, табъ мезанад вагарна ба шабнам қотеъ аст. Ва ба об майл надорад. Ва чун мор то ба сина ба сӯрох равад, ҳеҷ кас ӯро ба зӯрӣ берун натавонад кард. Ва агар каждум ӯро бигазад, худро бар намакзор расонад ва бар намак часпад, сиҳат ёбад. Ва агар намакзор наёбад, ҳалок гардад. Мор аз фаво-

сиқи хамса (фосиқҳои панҷгона) аст, ки ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) амр ба куштани эшон фармудаанд.

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти вай пеши ҳанифӣ ва Ҳанбал ва Шофеъӣ ва макруҳ аст назди Молик. Ва назди шиъа низ ҳалол аст. Ва тарёке, ки гӯшт дошта, низ ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Агар касе ҷузом дошта бошад, гӯшти мор бихӯрад, шифо ёбад. Пӯсташ дар зарфи мис сӯхта саҳқ карда (соида) моланд, сабал (сурхӣ) ва дарди чашм бирабояд. Байзааш дар даҳон суда бар барас моланд, зоил кунад. Агар дандони мор дар зиндагӣ барканаид ва ба соҳиби таби рибъ банданд, нафъ расонад.

**Ҳикоят.** Дар Ҳадис омада, ки дар хонаҳои Мадина як навъ аз париён ва ҷиниёни мусулмонанд, ки ба сурати мор зоҳир мешаванд. Ҳар гоҳ аз эшон дида шаванд, се рӯз мӯҳлат диҳанд ва эшонро озор нарасонанд ва таарруз (зӯрӣ) накунанд. Ва агар баъд аз се рӯз дида шаванд, бикушанд. Баъзе уламо ин ҳадисро хосаи Мадинаи мушаррафа доштаанд, аммо назди бештар дар ҳама шаҳрҳо чунин аст. Пас ёрони хонагиро се рӯз мӯҳлат бояд дод. Ва тариқи амон додан чунин аст, ки бигӯяд: **Ақсамтака бил ъаҳди-л-лази ахазаҳу ъалайкунна Нӯҳун ва Сулаймонуи ъалайҳима ассалому анулло тӯбдуно ва ло тавзуно**, яъне савганд медиҳам шуморо ба аҳде, ки ситонид аз шумо Нӯҳ (а) ва Сулаймон (а), ки бар мо зоҳир нашавед ва моро изо надиҳед.

—

## ҲАРФ-УЛ-ҲО

ХУТТОФ-ро ба порсӣ фарастак ва барастук ва ба туркӣ фаралқу хонанд. Мурғи сиёҳ ва кӯчак мешавад. Ва зимистон ба гармсер равад ва тобистон боз ояд ва аз мӯй ва гил ошёна созад. Ва баъзе коҳ ва гил гуфтаанд. Ва дар ошёнаи худ барги судоб ниҳад, то ҳарорати байзааш нигоҳ дорад. Ва шаппара душмани ӯст ва қасди бачаи ӯ мекунад. Аз ҷиҳати дафъи мазаррат (зиён) эшон барги карафс оварда, дар ошёна ниҳанд, чи шаппара аз бӯи карафс мегурезад. Ва чун раъд мешунавад, мегурезад, чунончи ба мурдан наздик мерасад. Ва дар назари мардум ҷуфт намешавад. Ва аз аҷоиби аҳволи ӯ он, ки агар чашмаш бикананд, боз пайдо кардад. Баъзе мардум санги яроқонро ба ин тариқ ба даст оварда, ки бачаи ӯ ба заъфарон зард мекунад ва дар ошёнааш мениҳад. Ӯ ба тасаввури он, ки бачааш яроқон (заъфарма) пайдо карда, ба талоши санг рафта ва санги яроқонро пайдо карда, дар ошёнаи худ биниҳад ва онро мардумон меёбанд ва оллоҳу аълам.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ дар мазҳаби ҳанифӣ ва Молик ҳалол аст. Дар мазҳаби Шофеъӣ (раҳ.) ду қавл аст. Ақво (қавитар) он, ки ҳаром аст. Ва дар мазҳаби шиъа ашадд ҳилат дорад (бениҳоят ҳалол аст).

**Ҳикмат.** Димоғи парастук ба иктиҳол (кашидан) торикии чашмро зоил кунад. Агар дилаш бо шароб бихӯрад, қуввати боҳ ба ифрот диҳад. Хӯрдани гӯшташ чашмро равшанӣ диҳад. Агар хунашро ба хӯрдани зане диҳанд, чунончи ӯро хабар нашавад, шаҳваташ биравад чандон, ки аз сӯҳбати мард мутанаффир гардад. Чун як ҷуфт парастук, яъне яке нару яке модаро бигиранд ва бисӯзонанд ва дар шароб андозанд, ҳар кас, ки аз он шароб бихӯрад, маст нашавад. Агар саргини вай дар чашм кашанд, сафедӣ бибарад. Ва агар заҳраи ӯро дар бинии касе бичаконанд, мӯи сар ва риш, ки сафед шуда бошад, сиёҳ гардонад ва дандон низ сиёҳ шаванд, агар хоҳанд, ки дандон сиёҳ нашаванд, пеш аз саъут (танбоку, носвор) даҳанро пур аз шири тоза кунанд. Ва низ агар саргини вайро ба заҳраи гов омехта бар мӯи сиёҳ бимоланд, фавран сафед гардонад.

ХАФФОШ-ро ба форсӣ шапара гӯянд ва ба туркӣ низ. Мурғе бад аст ва душмани офтоб. Пеш аз тулӯъ ва баъд аз ғуруби офтоб таярон кунад (бипарад). Ва пашшаву магас ва монанди онҳоро мехӯрад. Аз ғароиби ӯ ин, ки гӯшу дандон ва пистону минқор ва хуся (хоя) дорад ва мӯю пар надорад. Бе пар мепарад. Ва модаи ӯ дар ҳайз мегардад ва бачаро менӯшонад ва бавл мекунад. Механдад ва мегиряд мисли одамӣ. Ва байза намедиҳад, балки бача мезояд ва чун одамиён умри дароз медорад. Ва машҳур аст, ки хаффош халккардае ба дуъои Исо (а) аст. Аз ин ҷиҳат сурати мурғони дигар надорад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст ба иттифоқ.

**Ҳикмат.** Чун ӯро ба дарахт овезанд, аз он ҳудуд малах бигрезад. Ва агар сараш дар миёни болишт ниҳанд, ҳар касе, ки сар бад-он болишт ниҳад, ӯро хоб наёяд, ба шарти он ки он кас надонад, ки дар ин сари хаффош аст. Ва агар дилашро касе бо худ дорад, шаҳватро қувват диҳад. Агар хунаш бар зиҳори (шармгоҳи) бача, ки болиғ нашуда бошад, бимоланд, мӯй бар наорад. Ва хокистари вай равшаноии чашм зиёда кунад. Ва агар зане ба душворӣ мезояд, заҳраи вайро дар фарҷи он зан моланд, ба осонӣ бизояд. Ва агар сари ӯро ба сӯрохии муш ниҳанд ҳамаҳо бигрезанд. Ва агар сари вай дар кабӯтархона ниҳанд, гоҳе ҳеҷ кабӯтаре аз он ҷо наравад ва аз он хона улфат гиранд. Ва агар саргини ӯро ба оҳак ва зарних (гӯгирди бо маргимуш омехта) омехта дар мавзеъе,

ки мӯй бошад бимоланд, муддатҳо мӯй барнаёяд. Ва агар зане ба кор барад, ҳаргиз набароядд.

**Ҳикоят:** Бидон, ки чун банӣ Исроил аз ҳазрати Исо (а) ба мӯъҷиза ҷонваре хостанд, он ҳазрат (с) суратеро бад-ин ҳайбат тайёр сохта, дами исавии худ дар он дамид. Пас он сурат мурғе шуда, ба фармони Худои таъоло парвоз намуд ва муҷиби ин ояти карима: **Инни ахлуқу лакум минаттинӣ каҳайаттиттайри фаанфуху фиҳи фаякуна тайран биизниллоҳи.**

ХИНЗИР-ро ба форсӣ хук ва ба туркӣ батур гӯянд. Палидтарини ҷонварон аст ва дар қуввати муҷомаат зиёдатар аст аз ҳама чаҳорпоя. Ва дар беғайратӣ назир надорад. Ва бо модар фасод кунад. Ва чандон нар бо мода дар ҳузури якдигар шаҳват ронанд. Нараш чун ҳафтмоҳа мегардад, ҷуфт мешавад. Ва мода гоҳе дар шашмоҳагӣ обистан мешавад ва гоҳе дар чаҳормоҳагӣ. Ва ҳашт бача мезояд ба як дафъа. Дар баъзе расоил навишта, ки бист бача мезояд. Ва чун понздаҳсола шавад, боз намезояд. Форсиён модаашро хук ва нарашро гуроз хонанд. Ва фил аз гуроз гурезон аст. Ва дар «Аҷоиб-ул-махлуқот» навиштаанд, ки агар хуки нар бо хар муҷомаат кунад ва дар он ҳол хар бавл кунад, хук дарҳол бимирад. Ва дар баъзе расоил гуфтаанд, ки агар хукро бар пушти хар ба ресмон маҳкам банданд ва хар бавл кунад хук бимирад. Ва чун бемор гардад харчанг хӯрад, сиҳат ёбад. Ва агар се рӯз чизе нахӯрад ва гурусна монад, лоғар гардад ва баъд аз он ду рӯз чизе хӯрад фарбеҳ гардад. Ва тарсоён (насрониён) дар Рум хукро бисёр фарбеҳ кунанд. Ва агар як чашми ӯро барканананд, бимирад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Агар заҳраи ӯро бар бавосир моланд нафъ кунад. Ва пиҳи ӯро ба ханозир (бемории ғадуди гардану гулӯ) ва дунбал (пуччак) тало кунанд, сиҳҳат бахшад. Ҷигараш дар газидани мор, каждум ва занбӯр нафъ расонад. Ва устухони сӯхтаи ӯро бар ҷое, ки носур (захми кӯҳнаи илоҷнопазир) бошад, бияфшонанд, муфид бошад. Ва агар саргини хук дар зери дарахти себ андохта бошад, себ бисёр сурх гардад.

ҲАЙЛ-ро ба форсӣ асп ва ба туркӣ от гӯянд. Ва ӯ беҳтарини ҷонварон аст ба ҳасби сурат ва сират. Ва ба ҳама ранг мебошад. Ва аз ҷамиъи ҳайвоноти аҳлӣ фаросати ӯ бештар аст ва аз ҳама тезравтар, шунавотар. Ва араб дар тезшунавӣ одамиро ба ӯ ташбеҳ кардаанд ва гӯянд: **Асмуъи минал-фараси.**

Ва ахлоқи неку дорад чун фармонбардорӣ ва зиракӣ ва эҳтимоли муҷоҳада (чидду чаҳд) ва риёзат. Ва дар шарафи ӯ ҳамин кофист, ки Худои таъоло дар Қуръони маҷид ба сав-

ганд ёд карда, ки савганди посбоне, ки мӯъминон бо куффор (кофирон) бар эшон ҷанг мекунанд ва ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) фармуда: **Ал-хайру маъқудун бинавос-ил-хайли ило явм-ил-қиёмати**, яъне некӯӣ баста шуда ба мӯи пешонии аспҳо то рӯзи қиёмат. Ва низ он Ҳазрат (с) фармуда, ки малоик дар лаҳву бозӣ ҳозир намешаванд, магар вақти бозӣ кардани мардон бо занони худ ва дар вақти асп давонидан ва тир андохтан. Ва баъзе аз уламо бар онанд, ки хилқати (сиришти) асп пештар аз одамӣ аст. Ва гуфтаанд аввал касе, ки бар асп савор шуд, ҳазрати Исмоил (а) буд. Пеш аз он аспон пинҳон мекарданд ва мусаххари (мутеъи) касе намешуданд. Ва дар «Муҷмал-ут-таворих» гуфта, ки аспро дар Ҳиндустон таваллуд нест ва ин сухан ғалат аст. Ва дар баъзе таворих гуфтаанд, ки касрати асп дар Туркистон бештар аст, ва ғалабаи Қатмиш дар араб. Ва асп дар ҳеҷ вилоят ин иззат надорад, ки дар Ҳиндустон. Ва ҳеҷ ҷо ӯро беҳтар аз Ҳиндустон тарбият намекунанд. Ва чунон шоиста мекунанд, ки мазиде (афзоише) бар он мутассавир набошад. Ва чунон меомӯзанд, ки дар айни давидан агарчи ӯро чанд тозиёна низ зада бошанд, бе он ки лаҷомаш бикашанд ба муҷарради савти овозе, ки диҳанд, биистад. Ва таъини давонидани майдони асп тахминан то се фарсанг (тақрибан то 18 км) муайян мекунанд. Дар Ҳадиси шариф ворид аст, ки аспи шикол бад аст ва дар тафсири лафзи шикол ихтилофи уламост, ки аксарӣ бар он аст, ки мурод аз он асп аст, ки сар ва дасту по сафед ва як ғилофи он ба ранги дигар дошта бошад. Ва баъзе гуфтаанд, ки мурод аз як нишон аст. Ва баъзе гуфтаанд, ки ду даст ё ду по сафед бошад, аммо агар пешонӣ сафед бошад, кароҳият (зарар) надорад. Ва низ он чи дар Ҳадис ворид аст, ки дар се чиз шаомат (бадфолӣ) мебошад: дар асп ва дар хона ва дар зан. Ва дар тафсири ин низ ихтилоф аст. Баъзе уламо ба зоҳири он мурод мегиранд ва мегӯянд, ки Ҳақ субҳонаҳу таъоло гоҳе ин се чизро сабаби зарар месозад ва чораи онҳо ба ҷуз муфорақат (ҷудоӣ) нест. Аммо чун ин мутаҳаққиқ (аниқ) шавад, занро талоқ диҳад ва аз он сарой ба макони дигар равад ва аспро бифурӯшад. Ва ҳазрати Оишаи сиддиқа (раҳ.) фармудаанд, ки он сухан беҳуда нест. Ва ҳар кас ин ҳадис ривоят карда, иборати аввалаш баён насохта. Чунончи Ҳазрат (с) чунин фармудаанд, ки қатл кунад Ҳақ таъоло яҳудонро агар мегӯянд шаомат дар се чиз аст: дар асп ва хона ва зан. Яъне уламо ин ҳадисро чунин таъвил мекунанд, ки шаомати зан он аст, ки назояд ё бадзабон бошад ва кобини (зар, маҳр) гарон дошта бошад ва шаомати сарой он аст, ки танг бошад ва ё ҳамсояи бад дошта бошад ва шаомати асп

он, ки ҷиҳод бар вай накунад ва некрав набошад ва бадроҳ бошад ва савор шудан надиҳад ва надавад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшту шири ӯ ба мазҳаби Шофеъӣ (раҳ.) ва Ҳанбал (раҳ.) ва Абуюсуф (раҳ.) ва Муҳаммад (раҳ.) ки аз асҳоби Абуҳанифа аст, аммо дар мазҳаби ҳанифӣ фатво бар он аст, ки гӯшту шири ӯ наметавон хӯрд.

**Ҳикмат.** Агар дандони асп ба кӯдак банданд, дандонаш бе садама ба осонӣ барояд. Агар мӯи думаш ба ҷое биёвезанд, пашшаҳо дар он ҷо наоянд. Агар сумаш дар хона дафн кунанд, муш аз он ҷо бигрезанд. Агар арақаш дар зиҳори бача моланд, гоҳе мӯи он ҷо берун наёянд. Агар суми ӯро сӯхта бо равғани зайт омехта ба ханозир моланд, нофеъ бошад. Агар суми ӯро сӯхта дар зери зане, ки ба душворӣ мезояд дуд кунанд, ба осонӣ бизояд. Ва агар хуни асп дар гӯш чаконанд, дард зоил кунад.

## ҲАРФ-УД-ДОЛ

ДУББ-ро ба форсӣ хирс ва ба туркӣ абӯ гӯянд. Ҷонвари бадшакл, инзивоталаб (каноракӯ) аст. Ва бо гов, паланг душманӣ дорад. Ва бисёр зирак аст дар таълим гирифтан. Аммо фармонбардории муаллими худ намекунад, магар ба заҳмати бисёр. Ва ҳама чизҳо мехӯрад, яъне коҳу наботот ва ҳам гӯшту ғалла ва ғайра. Ва дар зоидан ранҷи бисёр мекашад. Чунончи баъзе бар онанд, ки хирс аз даҳон мезояд. Ва чун бача пайдо мешавад, аъзои ӯ дарҳамрафта бувад, модараш чандон билесад, ки аъзояш пайдо шавад. Ва ҳар гоҳ, ки гурусна мегардад, дасту пои худ мемакад ва фарбеҳ мешавад. Ва дар зимистон тараддуди кам менамояд ва аз мӯрча ҳар лаҳза бачаи худро ба гӯша мебарад.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ ҳаром аст ба мазҳаби Шофеъӣ ва ҳанифӣ ва баъзе аз асҳоби имом Ҳанбал, аммо ба як ривоят ва қавли Молик ҳалол аст. Ва назди шиъа низ ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Агар чашми хирс дар катонпорае баста ба гулӯи соҳиби таби рибъ банданд, шифо ёбад. Ва заҳрааш бо филфил (мурч) ҳал карда, бар доъуссаълаб тало кунанд, мӯй бирӯёнад. Дандони пеши ӯро агар дар шир андозанд ва он ширро ба бача диҳанд, ба осонӣ дандон бароварад. Ва пиҳи ӯ манфаати бисёр дорад, аз он ҷумла агар ӯро бар барас (песӣ) тало кунанд, дафъ кунад ва ҳамчунин носурро (захми илоҷнопазир) дафъ кунад. Аммо агар пиҳи ӯро бар саг моланд, девона гардад. Ва агар хуни ӯро дар чашм кашанд, мӯи зиёдатӣ бар наорад. Ва агар пусти ӯро ба бозуи бачаи

бадхӯ овезанд, тарки хӯи бад кунад. Ва чун заҳраи вай бо асалу оби розиёна (бодиён) дар чашм кашанд, чашмро равшан кунад.

ДУРРОҶ-ро ба форсӣ пур ва ба туркӣ дурроҷ гӯянд. Мурғи бисёртаваллуд аст ва гӯшти ӯ бағоят хушмаза аст. Ақл ва оби манӣ зиёда кунад. Ва дар ҳавои хушу боди шимол мепарад. Ва дар тобистон дар ҷангалҳо ва домани кӯҳистон мебошад ва ба маъмура (ҷои обод) дар наояд. Араб гӯяд: Дар сафири (овози) худ ин калимот мегӯяд: Бишшукри тадумун-ниъми. Ва баъзе гӯянд: Садақа садиқ гӯяд. Ва баъзе аз ҷуҳол (ҷоҳилон) гӯянд, ки сиху кабобу табақ гӯяд. Ва баъзе гӯянд, ки сурфаву нону намак гӯяд. Ва ҳар мурғи шикор мехоҳад, ки ӯро бигирад, худро дар зери дарахти хордор андозад ва буни хорро муҳкам дар чанг гирад, эмин монад.

**Ҳукм.** Гӯшташ дар ҷамиъи мазоҳиб ҳалол аст.

**Ҳикмат.** Гӯшташ қуввати димоғ ва тезии басар (чашм) ва фаҳм диҳад ва маниро зиёдат кунад ва шикам бибандад. Ва пиҳи ӯро агар бигудозанд ва дар гӯше, ки агар дард кунад бичаконанд, таскин диҳад.

**Ҳикоят.** Роғиби Исфаҳонӣ дар китоби «Маҳозарот» овардаанд, ки табибе ба марази убна мубтало буд. Рӯзе писаре дар паси ӯ ба мубошарат (ҷимоъ) машғул буд, ногоҳ дурроҷе парид. Писар ҳакими мазкурро гузошта, мутаваҷҷеҳи гирифтани ӯ шуд. Чун ӯро таскини комил нашуда буд, ба сабаби дурроҷ аз мақсуди худ бозмонд. Ӯро бо дурроҷ адовати тамом пайдо шуд. Дар ин ҳол аз шарри изтироб гуфт: Чун лутӣ (бадахлоқ) маро ба сабаби дурроҷ гузошт, пас ба дурустӣ, ки фано созам насли ӯро. Пас аз он рӯз ҳар кас, ки дар он шаҳр мариз шуд, ӯро дурроҷ мефармуд, то ба андак вақте дар он мулк дурроҷ намонд ва дурроҷ аз он рӯз таъоми муқаррарии мариз шуд.

ДАҶОҶ-ро ба форсӣ мокиён ва мурғи хонагӣ гӯянд ва туркон нуҷ номанд. Ҷонвари пуршаҳват ва ҳарис аст. Агар хурӯс наёбад, дар хок биғалтад ва аз он ғалтидан дар дарунаш байзаи кӯчак ҳосил шавад ва аммо бачаро нашояд. Ва агар пеш аз хоя (тухм) кардан хурӯс бар ӯ равад, он байзаҳо низ некӯ шавад. Ва агар он замон, ки бар сари хоя хуфта бувад, овози раъд шунавад, тамоми байзаҳо ба зиён оварад. Ва даҷоҷро аз шағол чунон ҳарос аст, ки гӯсфандро аз гург.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ дар ҷамиъи мазоҳиб ҳалол аст.

**Ҳикмат.** Агар гӯшти ӯро бо пиёз ва кунҷид соида кабоб карда бихӯрад, қуввати боҳ бияфзояд. Агар бар хӯрдани ӯ

мудовамат кунанд, никрис ва бавосирро пайдо кунад. Ва талои пиҳаш калаф (доғи кунҷидак) ва шиқоқро бибарад. Ва заҳрааш агар дар чашм кашанд, манъи нузули об кунад. Ва агар саргини мурғи сиёҳ дар хонаи касе моланд, дар он ҷо хусумат пайдо шавад. Ва агар мурғро ба хасакдона фарбеҳ кунанд ва баъди дувоздаҳ рӯз забҳ намуда (кушта), пиҳӣ вай бароварда касе, ки молихулёвӣ ва савдо дошта бошад, паёпай бар сараш тало намоянд, бағоят нофеъ бувад. Ва талои ӯ маҷзумро (махавро) нафъ бахшад. Байзааш дар зимистон дар коҳ биниҳанд ва дар тобистон ба пӯсти гандум то муддате дуруст монанд.

ДИҚ-ро ба форсӣ хурӯс гӯянд ва ба туркӣ низ. Ва ӯ дар маърифати авқот зирактирин мурғон аст. Ва аз аҷоиби кори ӯ он аст, ки вақти намоз медонад, агарчи шаб дарозу кӯтоҳ шавад, ғалате накунад. Ва баъзе аз уламои шофеъӣ гуфтаанд, ки бар бонги хурӯс эътимод бояд кард, чаро ки бисёр таҷриба кардаанд. Ва дар китоби «Макорим ул-ахлоқ» овардаанд, ки Анис (раҳ.) аз ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) нақл кардаанд, ки: **Ад-дикул абязу садиқию ва адуввуҳу аддуввий,** яъне хурӯси сафед дӯсти ман аст ва душмани ӯ душмани ман аст. Ва ҳазрати Имомризо (раҳ.) фармудаанд, ки: **Фиддики хамсату хисолим мин хасоил-ил-анбиёи маърифату авқот-ис-салоти вал-ғайрата ваш-шуҷоъату вас-саховатан ва касрат-ул-аноси,** яъне дар хурӯс панҷ хислат аст аз хасоили (хислатҳои) анбиё. Яке шинохтани авқоти намозҳо ва дуввум ғайрат. Чи агар хурӯси дигар миёни мокиёни вайояд, то ӯро зада берун накунад, қарор нагирад. Севвум шуҷоат, чаҳорум саховат, панҷум бисёрии модаҳо. Ва низ аз он Ҳазрат (с) марвист (ривоят аст), ки чун хурӯс бонг кунад аз фазли Худои таъоло чизе савол кунад, чаро ки хурӯс малакеро дида бонг кунад. Ва низ аз он Ҳазрат (с) марвист, ки: **Инналлоҳа таъоло халақа дикан тахт-ал-арши лаху ҷаноҳони лав нашараҳо ҷаваз-ал-машриқа вал-мағриба фаизо кона ахир-ул-лайлӣ нашара ҷаноҳайҳи ва хафақа биҳимо ва сараха бит-тасбиҳи яқулу субҳона-ал-малик-ил-қуддуси фаизо фаъала золика самиът-ид-дику куллаҳо муҷибан ва фаъалат мисла фиълиҳи.** Ва ӯро дар риояти мода осори азимест. Ва хурӯс дар умри худ як байза медиҳад.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ дар ҷумла мазоҳиб ҳалол аст. Ба ҷангонидани ӯ дар мазҳаби шиъа ҳаром аст. Ва дар мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат макруҳ. Ва хасӣ (ахта) кардани ӯ дар мазҳаби ҳанифӣ равост. Аммо баъзе уламои шофеъӣ ҳадисе ривоят кардаанд, ки он Ҳазрат (с) манъ фармудаанд аз хасӣ кардани хурӯс ва гӯсфанд ва асп.

**Ҳикмат.** Агар тоҷи хурӯс хушк карда ва суда ба касе диҳанд, ки дар хоб мебошад, хобро дафъ кунад ва девонаро ҳушёр созад. Ва хуни вайро касе, ки сафедӣ дар чашм дошта бошад, бикашад, нофеъ бошад. Ва агар хунаш дар таъоме кунанд ва ба хӯрдани қавме диҳанд, миёни эшон хусумат пайдо шавад.

## ҲАРФ-УЗ-ЗОЛ

ЗУБОБ-ро ба форсӣ магас гӯянд ва ба туркӣ ҳанин. Ҷонвари лаҳв (ишратпараст) аст ва бешарм. Араб гӯяд: Ҳувва лаҳву мин-аз-зубоб. Аз уфунат (бадбӯй)-и замин ва ҳаво дарсоат пайдо мегардад ва баъд аз он ба якдигар ҷуфт мегардад. Ва ӯро хартумест ва хӯриши ӯ пашша бувад. Бад-ин сабаб пашша ба рӯз пинҳон бувад, чу магас то ҳаво гарм нашавад, натавонад парид. Ва аз ҷумлаи паррандаҳо ҳеҷ ҷонваре ба сари забон об намехӯрад, магар магас. Ва ҳикмати илоҳӣ дар пилки чашми он аст, ки чашмро аз ғубор нигоҳ дорад. Ва чун чашми магас пилк аз хурдӣ надорад ва аммо ба даст ин кор мекунад. Ва дар Ҳадис омада, ки чун магас дар косаи шумо афтад, ӯро (фурӯ) баред дар ош ё шароб, ки дар он коса бошад. Чи дар як боли вай шифо аст ва дар як боли вай заҳмат ва хушкӣ аст, аҳли таҷриба гуфтаанд, ки магас боли чапро фурӯ барад ба ҷиҳати он, ки заҳр аст, то ба мардум осеб бирасад. Ва лиҳозо ба ҷиҳати он ӯро тамом фурӯ мебаранд, то он боле, ки дар ӯ шифост, дар ош дарояд, то заҳри боли аввал кор накунад. Ва дар баъзе китоб аст, ки умри магас аз чиҳил рӯз беш нест. Ва ҳар магасе, ки ҳаст дар оташ аст, магар магаси асал. Ва аз аҷоиби ӯ он, ки афкандаи ӯ агар дар замин коранд, наъно аз он ҷо бирӯяд. Ва ӯро асноф аст хармагас ва сагмагас ва шермагас ва аспмагас. Ва ҳама дар хосият яксонанд.

**Ҳукм.** Ҳаром аст ба иттифоқ, аммо агар дар деги ош афтад ва ҷӯшида шавад ва дар миёни ош кам гардад, ош ҳалол аст.

**Ҳикмат.** Агар магасро бирён карда бихӯранд, санги масонаро хурд карда бирезонад. Ва агар магасро дар ҷое, ки занбӯр газида бошад, бимоланд, дард нишонад. Ва агар магасро дар зарфе кунанд ва дар болои оташ ниҳанд то бисӯзад ва баъд ӯро суда, бо асал хилт карда, бар доъуссаълаб (вехта-

ни мӯй) тало кунанд, мӯй бирӯёнад. Ва агар дар хона вараки (барги) каду бисӯзонанд, (магас) дафъ шавад.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки Абӯҷаъфари Давонкӣ аз яке олим суол кард, ки ҳикмат дар хулқи магас чист? Он донишманд ҷавоб дод, ки то аҷзи (нотавонии) мутакаббирон (мағрурон) зоҳир мегардад. Ва аз хавоси (хосиятҳои) ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) он бувад, ки магас бар ҷасади муборакӣ он Ҳазрат (с) наменишаст.

ЗЕЪБ-ро ба форсӣ гург гӯянд ва ба туркӣ қурат гӯянд. Ва ӯ ҷонварест шарир (бадкирдор), шӯхчашм, далер аст. Модааш аз нар бадтар бувад. Ва ҳама ҷонварон чун одамиро бубинанд, пас раванд, магар гург, ки дар пеш меояд. Агар аввал чашми одамӣ бар гург афтад, фирӯзӣ одамиро бошад. Ва агар аввал чашми гург ба одамӣ афтад, зафар гургро бувад. Ва гург гӯсфандро бештар вақти саҳар барад, ки саг дар хоб бошад. Ба дандон сари гӯсфандро бигирад ва ба дум ӯро мезанад то дур меафтад пас шикамашро бидарад. Гургро ҳар сол як бор ҳаяҷони шаҳват шавад. Чун бо мода ҷуфт карда, мода закарро сахттар аз саг дар фарҷи худ гирад, дар он ҳол ҳардуро агар хоҳанд бикушанд, ки аз ҳам ҷудо шудан наметавонанд. Ва агар гург хӯрданӣ наёбад, ба шабнам ва ҳаво қаноат намояд. Ва аз ғароиби ӯ он, ки чун дар хоб шавад, як чашми вай боз монад ва чун дар саҳро бошад, фарёд бисёр кунад. Ва аз як фарсанг бӯи мурдор мешунавад (ҳис мекунад).

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти ӯ ба мазҳаби ҳанифӣ ва шофеъӣ ва ҳанбал ва макруҳ ба мазҳаби молик. Ва низ ҳаром аст ба мазҳаби шиъа.

**Ҳикмат.** Сари гургро чун дар кабӯтархона биёвезанд, гурба дар он ҷо наёяд. Ва агар дар ҷои сукунати гӯсфандон дафн кунанд, ҳама ранҷур шаванд, балки бимиранд. Ва агар чашмаш дар гардани асп банданд, бисёр масофат тай кунад ва монда нашавад. Ва ҳар ки чашми росташ бо худ дорад, аз ҳеҷ чиз натарсад. Ва доштани чашми чапи ӯ назди худ бехобӣ оварад. Ва агар заҳрааш зан ба худ бардорад, обистан шавад. Ва агар хуни ӯ бо равғани ҷавз махлут карда ба гӯш чаконанд, карӣ барад. Ва агар хояаш бирён карда бихӯранд, қувваи боҳ зиёда кунад. Ва бар пӯсташ хуфтан қуланҷ бибарад. Ва низ гуфтаанд, ки агар аз пӯсташ табл созанд ҳар гоҳ, ки онро ҳамроҳи дигар табл зананд, чарми дигар таблҳо бидарад. Ва пиҳи вай дар захмати мӯй рафтан нофеъ аст. Ва гург ба ҳеҷ гуна ба одамӣ унс нагирад. Ва гӯяд шахсе бачаашро ба шири гӯсфанде парвариш дод. Чун калон шуд

он гўсфандро бидарид ва роҳи саҳро гирифт. Чунончи мутобики ин қавл Шайх Саъдии Шерозии алайҳирраҳмата гуфтааст.

**Байт:**

Оқибат гургзода гург шавад,
Гарчи бо одамӣ бузург шавад.

## ҲАРФ-УЗ-ЗО

ЗАРРОФА-ро ба форсӣ ва туркӣ низ заррофа гӯянд. Ҷонварест дароздаст ва кӯтоҳпо ва сару гарданаш мушобеҳ ба ҳайбати сару гардани шутур ва шохи вай монанди шохи гов ва дасту пояш низ мушобеҳи гов. Ва пӯсташ чун пӯсти юз ва паланг ва думаш чун думи оҳу. Ва турфатар ин, ки дар пойҳои ӯ зону нест, лекин дар ҳарду даст зону дорад. Ва чун роҳ меравад дасти росту пои чапро бештар аз пои рост бармедорад ба хилофи ҷонварони дигар. Ва баъзе гуфтаанд, ки аз шутуру гови ваҳшӣ мутаваллид мегардад.

**Ҳукм.** Дар мазҳаби ҳанифӣ нақли сареҳ дар боби гӯшти вай дида нашуда ва Шайхулислом гуфта, ки усули мазҳаби ҳанифӣ тақозои (талаби) он мекунад, ки ҳалол мебошад ва дар мазҳаби Молик ҳалол аст. Ва гуфтаанд, ки дар мазҳаби шофеъӣ ҳаром, аммо фатво бар ҳадиси аввал аст. Ва назди шиъа ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Заҳраи вайро агар дар чашм кашанд, манъи нузули об мекунад.

## ҲАРФ-УС-СИН

САРАТОН-ро ба форсӣ харчанг ва ба туркӣ айлонганҷ хонанд. Ҷонварест, ки сар надорад ва ду чашмаш бар китф ва даҳан дар сина ва ду даст ва по дорад. Аммо ба паҳлу меравад ва ҳар сол се навбат пӯст меандозад. Ва хонаи худро ду дар, яке ба ҷониби хушкӣ ва дигаре ба ҷониби об, месозад. Ва то моҳӣ аз тарафи об дар сӯрохаш равад ва гирифтанаш ӯро осон шавад. Ва аксар даре, ки ба тарафи дарё мебошад, ҳар гоҳ хоҳад, ки макони худро (хушк) намояд, масдуд (баста) месозад ва даре, ки ба тарафи хушкӣ аст, боз медорад то хушк шавад. Ва агар ӯро дар сӯрохи ӯ мурда ва ба пушт афтода ёбад, аломати амният аст дар он вилоят.

**Ҳукм.** Ба мазҳаби ҳанифӣ (раҳ.) ва Молик (раҳ.) ва Ҳанбал (раҳ.) ҳаром аст ва ба қавли Шофеъӣ (раҳ.) ҳалол. Ва назди аҳли ташаййуъ низ ҳаром.

**Ҳикмат.** Агар харчангро дар дарахт овезанд, мевааш бис-

ёр шавад ва аз офат эмин монад. Ва агар чашмашро дар гаҳвора биёвезанд, ҳар бача, ки дар он гаҳвора ҷунбонда шавад, хушнуд шавад. Ва хӯрдани гӯшташ диқро (зиқи нафас) дафъ созад.

СУЛАҲФОТ-ро ба форсӣ сангпушт ва косапушт ва кашаф гӯянд ва ба туркӣ лавсайқур. Дар хушкӣ ва об ҳарду мебошад. Ва дар хавос (хосият) ҳарду яксонанд. Чун байза бинниҳад аз таъсири назари худ аз ӯ бача берун меорад. Чи шиками вай сахт аст, лиҳозо ҳарорате надорад.

**Ҳукм.** Ба мазҳаби ҳанифӣ ва Ҳанбал ва Молик ҳаром аст. Ва ба як ривоят ба мазҳаби шофеъӣ ҳалол аст. Ва назди шиъа низ ҳаром нест.

**Ҳикмат.** Чун бо мода ҷуфтӣ гирад, гиёҳе дар даҳон гирад ва назди мода ояд ва онро меҳргиёҳ гӯянд. Агар касе он гиёҳро аз ӯ бисситонад ва бо худ дорад, меҳраш дар дили мардумон пайдо шавад. Ва чун ӯро бигиранд ва бар пушт андозанд то пойҳои вай ба тарафи осмон шавад, он мавзеъ сармо зарар нарасонад. Талои хунаш ба дафъи заҳмати ваҷаъ-улмафосил (дарди пайвандҳо) адил (ҳамто) надоранд. Агар пояшро бурида дар пои касе, ки марази никрис дошта бошад, барбанданд, ва пои рости ӯ ба пои рости мариз ва чап ба чап, нафъ расонад.

СИНҶОБ-ро дар ҳама забон ҳамин ном машҳур аст. Дар сурат монанди муш аст. Ва аз пӯсти ӯ пӯстин месозанд. Ва ба тарафи Туркистон мебошад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст назди ҳанифӣ (раҳ.) ва ҳалол аст назди Шофеъӣ (раҳ.) ва Молик (раҳ.) ва назди шиъа низ ҳалол аст. Ва назди Абуҳанифа (раҳ.) ва Шофеъӣ (раҳ.) пӯстин ва қабое, ки аз пӯсти ӯ созанд, ҳалолу пок аст.

**Ҳикмат.** Гӯшти ӯ ҷунунро зоил кунад ва амрози савдовиро бибарад.

СИННАВР-ро ба форсӣ гурба ва ба туркӣ пишак гӯянд. Ҷонварест томеъ (тамаъкунанда) ва зуд улфат (дӯстӣ) пайдо мекунад, бо одамӣ, ба вақти ғазаб чунон хашмолуда шавад, ки аз худ бехабар бошад ва аз ин сабаб малоҳида (даҳриён) яъне сипоҳиёни худро ба гӯшти гурба парвариш додандӣ то бар хасм фирӯзӣ ёфтандӣ. Ва ӯро анвоъ бошад хонагӣ ва саҳроӣ. Ва аз он ҷумла гурбаи саҳроӣ аст, ки думи дароз дорад ва мӯйи вай ба сиёҳӣ моил аст, монанди юз бошад. Ин ҷинси гурба дар замини Ҳинд ва Зеробод мебошад. Ва ба рангҳои мухталиф мебошад. Ва дар миёни ду рони ӯ он, ки нар аст, зери хуся ва он, ки мода зери фарҷ шикофӣ дорад. Ва аз он шикофӣ чизи зардранг монанди чирки гӯш берун ояд хушбӯ. Ва онро зиёр мегӯянд ва он пок аст.

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти ӯ назди ҳанифӣ ва шофеъӣ ва ҳанбал. Ва Абӯабдуллоҳ, ки яке аз асҳоби шофеъӣ аст, бар он аст, ки гӯшти гурбаи саҳрой ҳалол аст. Ва назди шиъа низ ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Гӯшти гурбаи сиёҳи хонагӣ барои дафъи сеҳр нофеъ аст. Агар ҷигари вайро бар аврате, ки хунаш доимо меравад, банданд, дафъ кунад.

## ҲАРФ-УС-СОД

САҚР-ро ба форсӣ чарғ гӯянд ва ба туркӣ алмалку. Ҷонварест маккор. Қувват ва шавкати тамом дорад ва бар аксар ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҳаволӣ ғолиб аст. Ва таълимпазир, аммо чун музӣ (озоррасонанда) аст, ӯро аксар ҷонварон адӯ (душман) мешаванд ва бача камтар мезояд. Аз даҳанаш бӯи бад меояд. Аввал касе, ки ба чарғ сайд кард, Ҳорис ибни Яъқуб ибни Тур буд. Ва арабон ва мардуми он атроф ба чарғ шикор мекунанд. Ва аз оҳу мегурезад. Ва малик Рошид, ки яке аз акобири умарои аммор (амркунанда) буд, чарғро навъе мегирифт ва ба ҳашт рӯз чунон таълим мекард, ки оҳу мегирифт. Ва ин корҳо аст, ки ғайр аз ӯ накарда.

**Ҳукм.** Ҳаром аст назди ҳанифӣ ва шофеъӣ ва ҳанбал ва пеши молик макруҳ аст. Ва назди шиъа ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Ҳар кас, ки гӯшти ӯ хӯрад, аз даҳанаш бӯи бад ояд.

## ҲАРФ-УЗ-ЗОД

ЗАБ(б)-ро ба форсӣ сусмор гӯянд ва ба туркӣ гачромин. Ҷонвари зирак ва дарозумр. Чунонки ҳаёташ то понсад сол мерасад. Ва об нахӯрад ва ба шабнаму хущкӣ қаноъат кунад. Ва чиҳил рӯз як қатра бавл кунад. Ва ҳафтод байза диҳад. Ва нари ӯ ду закар дорад. Ва модаи ӯ низ ду фарҷ дорад. Ва дар Ҳадис омада, ки сусмор ба забони фасеҳ ва ба нубуввати он Ҳазрат (с) гувоҳӣ дода.

**Ҳукм.** Ҳаром аст назди ҳанифӣ ва ҳалол аст назди шофеъӣ ва ҳанбал. Назди шиъа низ ҳаром аст. Ва аҳли суннат нақл кунанд, ки дар маҷлиси он Ҳазрат (с) сусмор хӯрданд ва он Ҳазрат (с) манъ нафармуданд ва фармуданд, ки дар замини қавми ман, яъне Қурайш ин нест. Ва қавми ман ба табъ ва равиши ман аз он нафрат доранд.

**Ҳикмат.** Сусморро дар Ҳадис низ манфаат ва дафъи мазаррат омадааст. Ва агар аз миёни ҳарду пои мард биравад, он рӯз қуввати боҳ нашавад ва ба навъе дар он рӯз нуъуз (исто-

дагии закар) нашавад. Ва ҳар кас, ки дилаш бихӯрад, андӯҳу хафақон (тапиши дил) бибарад. Ва хӯрдани пиҳаш аз дарди сару сипурз эмин кунад. Ва агар хунаш бо орди ҷав бар баҳақ моланд, зоил кунад ва равшании чашм биафзояд. Ва агар кафи дасти ӯро ба пеши асп биёвезанд, ҳеҷ аспе дар давидан ба ӯ нарасад ва он асп аз ҳама аспон пештар равад. Ва пӯсташ агар бар дастаи теғ пӯшанд, шуҷоат физояд. Ва саргини ӯро агар бар барас ва калаф моланд, зоил кунад. Ва агар дар чашм кашанд, сафедӣ, ки дар чашм пайдо шуда бошад, дафъ шавад.

ЗАБУЪ-ро ба форсӣ ва туркӣ кафтор гӯянд. Ҷонварест аблаҳ ва гӯл. Ва ба гуфтори одамӣ фирефта шавад, то кушта гардад. Ва аз аҷоиби ӯ он, ки мисли хунсо олати нару мода ҳарду дорад ва ҳар сол ҳаяҷони як олаташ бувад. Кафтор бо саг душманӣ дорад ба ҳадде, ки агар сояи кафтор бар саг афтад, аз давидан бозмонад, то ки кафтор бар вай расад ва ӯро бигирад. Ва баъзе гуфтаанд, ки агар саге дар моҳтоб бар боме бошад ва сояи ӯ бар замин афтад, кафтор бар сояи он саг бигзарад, филҳол он саг пеши ӯ бар замин афтад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст дар мазҳаби ҳанифӣ ва ҳалол аст дар мазҳаби шофеъӣ ва молик. Ва назди шиъа ҳалол аст.

**Ҳикмат.** Агар ҳама аъзои кафтор дар деге биҷӯшонанд ва равғани он бигиранд, он равған ҷое, ки аз сарди дард шуда бошад бимоланд, муфид гардад. Ва заҳраи вай агар дар чашм кашанд, ҷило диҳад ва равшан гардад. Ва агар сари ӯро дар кабӯтархона дафн кунанд, кабӯтар дар он хона бисёр шавад. Ва агар хуни вай бихӯранд, васвос дур шавад. Ва пиҳи вай агар бар абрӯ моланд, дар чашми занон ҳасан (зебо) ва хубсурат маълум шавад. Ва фарҷашро агар касе, ки таб дошта бошад бо худ дорад, таби ӯ зоил гардад. Ва низ ҳар кас, ки фарҷи ӯро бо худ дорад, мардумон ӯро дӯст доранд. Ва агар дар дасти касе ҳанзал (кадуи талхи ёбоӣ) бошад, кафтор аз ӯ бигрезад.

## ҲАРФ-УТ-ТО

ТОВУС-ро ба арабӣ ва форсӣ ва туркӣ ном яке аст. Ва ӯ дар миёни мурғон монанди асп аст ва дар ҳусну сурат хуштарин мурғон аст. Ва ҳар параш ба чанд ранг аст. Зарду сабзу сурху сиёҳу лоҷувардиву ҷавзӣ ва ғайри он. Ва дар ду-сесолагӣ нари вай ба камол мерасад. Ва модан вай дар соле як бор қариб дувоздаҳ тухм медиҳад, лекин ба якдигар бисёр мекушанд. Аз ин ҷиҳат тухми ӯро дар зери мокиён мениҳанд.

Лекин зиёда наметавон гузошт, ки агар зиёда аз ду тухм ниҳанд, ганда мешаванд. Бачаи товус, ки мурғ бармеорад, хурд мешавад ва ҳусни вай низ камтар мебошад. Ва аз аҷоиби вай он, ки ба якдигар ҷуфт намегарданд, балки чун баршигол (мавсими борон) мешавад, нари вай маст мешавад ва ба рақс дармеояд ва дар он ҳол дар чашми вай ашке пайдо мегардад ва модааш онро мехӯрад ва аз таъсираш байзаҳо дар шиками вай пайдо мешаванд. Аз он тухм бачаҳо бармеоранд. Ва бо вуҷуди ин ҳусну ҷамол араб нигоҳ доштани ӯро дар хона муборак намедонанд, ба сабаби ин бувад, ки шайтонро ба биҳишт бурд ва одам аз ин сабаб аз биҳишт берун омад. Ва аз ғояти умри ӯ биступанҷ сол мебошад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст дар мазҳаби ҳанифӣ ва шиъа ва ҳалол аст дар дигар мазоҳиб, аммо дар мазҳаби шофеъӣ ду қавл аст дар ҳиллат ва ҳурмат, аммо фатво бар ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Чун дар таъом заҳре омехта бошанд, ҳар гоҳ, ки товус онро бинад, рақс намояд ва фарёд кунад. Ва агар мағзи сари ӯро ба судоб ва асал бихӯранд, қулинҷро дафъ кунад ва дарди меъда низ бибарад. Ва заҳрааш донге бо сиканҷубин ва оби гарм дар заҳмати шикам нафъ расонад ва забони баста бикшояд. Ва гӯшташ қуввати боҳ биафзояд ва дарди зону бибарад.

## ҲАРФ-УЗ-ЗО

ЗАБӢ-ро ба форсӣ оҳу ва ба туркӣ кийик гӯянд. Ӯро ба тезчашмӣ васф кунанд. Ва ӯ аз ҳамаи ҷонварон ваҳшитар аст. Ва ӯро анвоъе мебошад. Яке аз онҳо он аст, ки мушк аз нофи ӯ берун меояд. Ранги ӯ сиёҳ мебошад ва бузургтар аз ақсоми худ ва аз оҳувони дигар вилоятҳо калонтар ва ӯро ду дандон сафед мебошад ва хӯриш аз сунбул ва гиёҳҳои хушбӯ аст. Лоҷарам хуне, ки дар нофи он ҷамъ мебошад, мушк мегардад ва он чанд қисм аст. Аммо мушки ғизол беҳтар аз мушки оҳуи бузург мебошад. Ва машҳур аст, ки мушк дар ҳақиқат хуне аст, ки дар нофи оҳу ҷамъ мешавад ва ҳар соле нофи вай як бор варам мекунад. Оҳу барои рафъи хориш ӯро ба ҷое мемолад, ҳатто ки мушк аз нофаш ҷудо шуда меафтад. Аз ин ҷиҳат мардуми он вилоят дар биёбонҳо мехҳо ва ҷӯбҳо фурӯ мезананд то оҳу нофи худро ба он бимолад ва нофа аз он ҷудо шавад, пас биёбанд. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ чунин гӯяд, ки оҳуро кушта, ба даст шиками ӯро мемоланд, то хун дар нофи вай ҷамъ гардад. Чун оҳу сард шавад, нофаи вайро аз ӯ бароранд ва то як сол биёвезанд. Ҳар

хуне, ки қабл (аз) сард шудан дар он равад, хуб бошад. Ва он чи баъд аз он равад, пораҳои бузург бошад. Ва баъзе гӯянд, ки нофамушк дар шиками вай мебошад монанди панирмоя, ки дар андаруни барра аст. Ва баъзе мегӯянд, ки оху нофаро берун меандозад аз шикам монанди он, ки мурғ тухми худро. Ва нофаи мушки чинӣ беҳтар ва калонтар бошад ва дар Тиббат бисёр мебошад. Ва то ҳине, ки мушкро аз вилояти худаш ба мулки дигар набаранд, бӯи хуб надиҳад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ҷамиъи ақсоми оҳу дар ҷумлаи мазоҳиб ва мушкҳо аз ҷумлаи тарёкҳо (афюнҳо) аст.

**Ҳикмат.** Хӯрдани мушк қуввати дил ва димоғ диҳад ва рутубати ноқисаро хушк созад ва бавли баста бикшояд, аммо ранги сурхро зард кунад. Ва агар шохи оҳуро дуд кунанд, ҷумла газандаҳо бигрезанд. Ва агар захраи вай дар гӯш чаконанд, дардро фуру нишонад. Ва аз ғароиби ӯ он аст, ки чун ӯро дар таъом бисёр андохта бошанд ва бихӯранд, бӯи даҳан хуб шавад. Ва хубтарини адвияҳо ба ҷиҳати рӯшании чашм заҳраи оҳу аст.

## ҲАРФ-УЛ-ЪАЙН

УҚОБ-ро ба форсӣ алуҳ гӯянд ва ба турки кӯхӣ. Мурғи бисёр соҳибқувват ва шавкат бошад ва таълимпазир ва тезназар бошад. Ва араб мардумро дар тезбинӣ ба ӯ ташбеҳ карда мегӯянд. **Ва абсару мин уқобин.** Ва рангҳои мухталиф дорад ва ба мартабае тезпар аст, ки чоштгоҳ дар Ироқ чизе мехӯрад ва шом дар Яман. Ва аз се тухм бештар намедиҳад ва дар се рӯз бача берун меоварад. Ва дар болои кӯҳҳои баланд ошён месозад. Ва чун бача барорад, нигоҳ дорад ва ба зер афканад. Ҳақ таъоло мурғеро, ки шикандустухон гӯянд, бар ӯ бигуморад то он бачаро парвариш кунад. Ва аз ғароиби ӯ он аст, ки чун пир шавад, кӯр гардад ва бачагонаш ӯро бардошта ба Ҳинд мебаранд. Ва он чо як чашма аст. Дар он чанд ғӯта медиҳанд. Баъд аз он дар тобиши офтоб медоранд. Аз асари оби он чашма ҷумла парҳои ӯ мерезанд ва аз сари нав парҳои дигар берун меоянд ва чашмҳояш равшан мешаванд. Ва агар дар ҷигараш ориза (беморӣ) пайдо шавад, ҷигари рӯбоҳ ва харгӯш мехӯрад, тандуруст мешавад. Ва дар «Аҷоиб-ул-махлуқот» навишта аст, ки бо мурури айём заған уқобу уқоб заған мешавад. Ва дар «Таърихи мағриб» навишта, ки дар канори Нил уқобҳо ҳастанд дар камоли сиёҳӣ, ки ба об фуру мераванд, моҳиро мегиранд ва берун меоранд ва онҳоро уқоб-ун-нил гӯянд.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ пеши аҳли суннат ҳаром аст, магар назди имом Молик (раҳ.) макруҳ аст. Ва назди шиъа низ макрӯҳ аст.

**Ҳикмат.** Агар заҳраи вай дар чашм кашанд, торикии чашмро бибарад ва агар бар пистони зане, ки шир дар ӯ гиреҳ шуда бошад, тало кунанд, шифо ёбад. Ва агар пари вайро бисӯзонанд ва бар ҷое, ки калаф (доғи кунҷидак) шуда бошад бимоланд, дур кунад. Ва саргини ӯро агар ба ханозир бимоланд, нафъ расонад.

АҚЪАҚ-ро ба форсӣ акка ва ба туркӣ тахам гӯянд. Ва ӯро ба дуздӣ ва хиёнат ва фаромӯшкорӣ васф мекунанд. Ва чун байза мениҳад, дар зери дарахтон пинҳон мекунад аз ҷиҳати он, ки агар шаппара наздики тухми ӯ равад, канда мегирад ва қути худро пинҳон мекунад. Ва машҳур аст, ки одамӣ ва акка ва муш ва мӯрча қути худро пинҳон месозанд.

**Ҳукм.** Ҳалол аст дар мазҳаби Абӯҳанифа (раҳ.) ва молик. Ва дар мазҳаби шофеъӣ ду қавл аст, лекин фатво бар он аст, ки ҳаром аст.

**Ҳикмат.** Агар димоғи вайро дар ғолия (мушк) хилт карда бар бадан моланд, лақва ва фолиҷро муфид бувад. Ва агар димоғи ӯро бар панба тало кунанд ва бар сари захм ниҳанд, пайкони тир ба осонӣ берун ояд.

УСФУР-ро ба форсӣ гунҷишк ва печишк ва чағок ва чуғук хонанд ва ба туркӣ саръакс ва сарича. Ва ӯро анвоъ бошад. Ва аз аҷоиби ӯ он ки гӯшт мехӯрад чун сабъ (даррандa), лекин нохуни дарранда надорад ва мурғи заъиф аст. Ва ҷимоъ бисёр мекунад. Аз ин сабаб умри ӯ кӯтоҳ аст. Ва дар зери сақфи хонаҳо аз бими ҷонварон ошёна созад. Ва аз мардум дурӣ накунад, ки агар одамиён ҷилои ватан шаванд, гунҷишк низ ҳамроҳ биравад ва чун муъовадат намоянд (баргарданд) боз ояд. Ва ӯро бо мор душманӣ аст. Ва байзаи морро ба фасод оварад ва ба минқор ба мор ҷароҳат расонад. Ва мор низ бачагони ӯро ҳар ҷо, ки ёбад, бихӯрад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Гӯшташ қуввати боҳ диҳад ва бодҳоро биншонад. Ва мағзаш қуввати боҳ ба ифрот оварад. Ва кабоби вай санги масонаро дур кунад. Ва агар димоғи вай бо асал чанд рӯз ба наҳор бихӯранд, заҳмати бавосирро нофеъ бувад.

**Масъала.** Агар касе сайдеро аз чаранда чун оҳу ва аз парранда чун чағук ва кабӯтар баъд аз гирифтан сар диҳад ва озод кунад, дуруст аст.

**Нақл.** Аз Абӯзар Саҳобӣ (раҳ.) нақл кардаанд, ки бачагони чағукро мехариданд ва сар медоданд, аммо фатво дар мазҳаби шофеъӣ бар он аст, ки ин нақл раво нест ва бар

қавли Абӯҳанифа (раҳ.) раво бошад, ба шарти он ки дар вақти сар додан мубоҳ (ҳалол) гардонад ба ҳар кас, ки бигирад. Ва агар чарандаи аҳлиро чун асп ва шутур ва гӯсфанд ва гов дар саҳро сар диҳанд, раво нест. Ба иттифоқи уламо гунаҳкор аст.

АҚРАБ-ро ба форсӣ каждум ва ба туркӣ чабон гӯянд. Зишттарин ва музитарин (озоррасонтарин) ҳашарот аст. Ҳашт пой дорад ва чашм бар шикам бувад ва бисёр бача бармеоварад. Ва рангҳои мухталиф дорад ва бадтарин анвоъи ӯ сиёҳ аст. Ва баъзе аз уламо гуфтаанд, ки бачааш аз пушташ берун меояд, аммо ин қавл саҳеҳ нест ва қавли дуруст он, ки аз даҳон мезояд ва бачаи вай ракик (заиф) мебошад. Ва аз аҷоиби ӯ он, ки мурдаро нагазад ва ҳамчунин касеро, ки дар хоб бошад, модоме ки ҳаракат накунад, нагазад. Ва агар афъиро бигазад афъӣ бимирад. Ва агар хоҳанд, ки ӯро аз сӯрохаш берун оранд, талхӣ бар сари чӯб молида, дар сӯрохаш кунанд, ӯ аз сӯрох берун ояд, чаро ки ҳарис аст бар хӯрдани талхӣ. Ва дар шаҳри Ҳамас аз вилояти араб каждум зинда намонад, агарчи аз вилояти дигар баранд. Ва дар Қошон як навъ аз ақраби сиёҳ мебошад, ки агар кошиюлаолро бигазад, ҳалок созад. Ва ғарибро агар газад, ба дарду алам мубтало шавад, илло намирад. Ва ақраб чун равон шавад, ҳар ҷо, ки сараш бирасад, ба дум неш занад. Нақл аст, ки ақраберо гузар бар санги хоро шуд, онро неш зад. Санг ба забони ҳол гуфт, ки аз ин неши ту ба ман зарар намерасад, саъй беҳуда чаро кунӣ? Ҷавоб дод: медонам, аммо хислати ҷибиллии худро тарк наметавонам кард ва дар ин маънӣ гуфтаанд.

**Байт:**

Гарчи ба хоро набошад захми каждум корагар,
Аз бадии нафси худ з-ин рӯ надорад з-он гузар.

**Ҳукм.** Ҳаром аст ба иттифоқи ҷамиъи уламо. Ва афсун кардан ба ҷиҳати мору каждум раво аст, ба шарти он ки аз Қуръон бошад. Ва дуъое, ки аз ҳазрати Расулиллоҳ (с) нақл карда бошанд ва алфозе, ки маънии ӯ дарёфт намешавад, раво нест, чаро ки эҳтимоли куфр дорад. Ва аз ҷумла афсунҳо ва ғайра яке ин аст, ки ҳар кас, ки дар аввали шаб гӯяд, то субҳ аз шарри инҳо маҳфуз монад. Дуъо ин аст: **Аҳазату занб-ал-ақраби ва лисон-ал-ҳайяти ва яд-ас-сорики биқавли ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадун расулуллоҳи.** Ва дуъои дигар: **Аъузу бикалимотиллоҳ-ит-томмоти мин шарри моҳалақа.** Дуои дигар ҳар рӯз як бор бигӯяд

дар он рӯз аз садамаи мору каждум маҳфуз монад: **Саломун ъало Нӯҳин фил ъоламина.**

**Ҳикмат.** Агар ақрабро дар кӯзаи гил ҳукумат (маҳкам) карда, дар тануриї оташ ниҳанд то хокистар шавад ва ними донак аз он шахсе, ки санги масона дошта бошад, бихӯрад, нафъи тамом расонад. Ва агар он хокро ба рӯған омехта ҷое зимод намоянд (банданд), мӯй бируёнад. Ва агар ақраберо гирифта дар ҷое бисӯзанд, ҷумла ақрабҳо аз он ҷо бигрезанд. Ва агар зарнихи сурх ва пиҳи гов бисӯзанд, ҷумла каждумҳо бигрезанд. Ва агар каждуми сиёҳ хушк карда бисоянд ва бар ҷое, ки барас бошад, бимоланд, дур кунад.

## ҲАРФ-УЛ-ҒАЙН

ҒУРОБ-ро ба форсӣ калоғ ва ба туркӣ фарқа гӯянд ва ӯ ба чанд навъ мебошад. Чунончи як қисми ӯ бисёр сиёҳ мебошад ва як қисми дигар мебошад сурхминқор, сафедбозу ва сафедпой ва як навъи дигар хокистарранг. Ва ба табъ ҳама асноф бо якдигар наздиканд. Ҷонвари дарозсафару дарозумр аст. Ва нару модааш чунон бо ҳам мувосанат (муросо) доранд, ки агар яке бимирад ва баъд аз ӯ дигар аз аҳаде (фарде) ҷуфт нашавад. Ва ӯ ба рӯи касе ҷуфт намешавад. Ва чунончи аҳли таҳқиқ бар онанд, ки ҷуфт намешавад ва назди баъзе дар тамоми умр як бор ҷамъ мешавад. Ва чун дар ибтидо мӯи бачааш сафед мешавад, лиҳозо модараш ранҷида ӯро мегузорад ва дар парвариш комил намекунад. Ҳақ субҳонаҳу таъоло пашшаҳоро бар он гуморад то қути ӯ мешаванд. Чанд рӯз мӯи сиёҳ бармеоянд. Он гоҳ модараш пеши бача меояд ва тимордории (парастории) ӯ намояд. Ва араб ғуробро шум медонанд ва мегӯянд, ки агар ду бонг кунад, наҳс аст ва агар се бонг кунад, хуб аст.

**Ҳукм.** Ба мазҳаби Абӯҳанифа (раҳ.) аз ҷинси ғуробе, ки дона мехӯрад, ҳалол аст. Ва ба қавли Абӯюсуф он, ки дона ва наҷосат хӯрад, низ ҳалол аст, аммо як синф, ки фақат наҷосат мехӯрад, ҳаром аст ба иттифоқ. Ва дар мазҳаби Шофеъӣ (раҳ.) ғуроби сиёҳ ва калону аблақ (ало), ки дар кӯҳ мебошад ва ғуроби хурди сиёҳ ва хокистарранг дар он хилоф аст ва зоғча, ки дона мехӯрад, ҳалол аст. Ва ба мазҳаби имоми Молик ҷумла аснофи ӯ ҳалол аст. Ва назди шиъа калоғи сиёҳ ва аблақ, ки дар кӯҳистон мемонад ва мурдор мехӯрад, ҳаром аст. Ва ғуроби роғ (ғуроби марғзор), ки онро зоғ гӯянд ва хокистарранг бошад, хилоф аст.

**Ҳикмат.** Агар чашми калоғ ва бум дар миён бисӯзонанд,

душманӣ орад. Ва агар хушк карда бисоянд ва бихӯранд, ташнагӣ биншонад. Бехи боли ӯ дар пораи пашми рангин баста, ба касе ки сурфа дошта бошад, банданд, зоил кунад. Ва афкандаи ғуроби аблақ дафъи ханозир кунад.

## ҲАРФ-УЛ-ФО

ФОХТА-ро ба форсӣ кукуку гӯянд ва ба туркӣ коку. Баъзе аз арабон ӯро ҳамомат-ул-мутаввақа ва сулсул низ хонанд. Бо одамӣ биттабъ унси бисёр гирад ва дар хонаҳо ошён созад ва мор аз овозаш бигрезад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат. Ва ба мазҳаби шиъа макруҳ аст.

**Ҳикмат.** Агар хуни фохта бо хуни кабӯтар ва зифту қатрон (моддаи сиёҳи ғализ) бисӯзанд, ҳар кас, ки бӯяш шамад, дар он шабонарӯз асло хоб наёяд. Ва агар хуни вай бо хуни кабӯтар бар барас тало кунанд, ранги вай тағйир кунад. Ва хӯрдани гӯшташ фолиҷи боридро муфид бувад ва манӣ бияфзояд, аммо димоғро музирр (зарар) бувад, нисён (фаромӯшӣ) оварад ва дафъи мазарраташ ба сараки ангур ва кашниз тоза кунанд.

ФОРА-ро ба форсӣ муш ва ба туркӣ шачқон гӯянд. Шарирӯ маҳил ва дузд аст. Ва ӯро дар анвоъи ҳил (макр) ва ҷазбу манфаат ва дафъи мазаррат достонҳост. Ва қосиди (қасдкунандаи) ҷони одамӣ бошад, хусусан касеро, ки саги девона газида бошад, бар вай хок резад ва низ касеро, ки паланг захмӣ карда бошад, бар вай бавл кунад, то зудтар ҳалок шавад. Ва аз ҷумлаи ҷонварон аҳаде (фарде) ба одамӣ он миқдор нуқсон намерасонад, чунончи муш. Дар хабар омадааст, ки ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) аз хоб бедор шуданд ва диданд, ки муше фатилаи чароғро гирифта ба тарафи он Ҳазрат (с) мекашид, то ки оташ дар рахти он Ҳазрат (с) андозад. Дар баъзе ривоят омада, ки бар мусаллои (ҷойнамози) он Ҳазрат (с) андохт, чунончи миқдоре бисӯхт. Он Ҳазрат (с) ӯро бикушт ва куштани ӯ ҳалол сохт. Ва аз ин ҷиҳат амр фармуда, ки дар хонае, ки оташ аст, он ҷо хоб накунанд.

**Ҳукм.** Ба мазҳаби Шофеъӣ ва ҳанифӣ ва Ҳанбал муш ҳаром аст ва назди Молик макруҳ. Ва назди шиъа низ макруҳ аст.

**Ҳикмат.** Агар пӯсти мушро пур аз коҳ кунанд ва дар хона биёвезанд, ҷумла мушон аз он хона бигрезанд ва ҳамчунон агар афкандаи саг ё гург дуд кунанд, мушҳо аз бӯи он бигрезанд ва низ агар мушро кушта, дар миёни хона дафн кунанд,

мушҳо бигрезанд. Ва агар чашми мушро дар кулоҳ дӯзанд, ҳар кас, ки он кулоҳро ба сар ниҳад, ӯро пиёда рафтан осон шавад. Ва агар чашмаш ба гардани соҳиби таб даровезанд, табро дафъ кунад. Ва агар мӯи зоид бар пилки чашми одамӣ баромада бошанд, онҳоро бикананд ва бар он мавзеъ хуни муш бимоланд, боз бар наёянд.

ФАҲД-ро ба форсӣ юз ва ба туркӣ бориш хонанд. Ҷонвари тундхӯй ва бисёр пурғазаб ва хубшикоркунанда аст ва қобилияти таълиму тартиб дорад. Ва модааш аз нар тезтар ва зудгирандатар аст. Ва калони вай зудтар омӯхта мегардад. Ва вай чун пир шавад, аз сайд кардан боз монад ва худро ба ҳаволии (наздики) ҷавоне мерасонад ва аз сайди ӯ туъма мехӯрад. Модаи ӯ ба се сол обистан мегардад ва дар «Аҷоиб-ул-махлуқот» гуфта, ки ҳар гоҳ шер ва паланг бо ҳам ҷуфт мешаванд, юз пайдо мешавад ва ҷунончи аз аспу хар астар ба вуҷуд меояд. Аввал касе, ки юзро бар қафои асп нишонд ва шикор кард, Язид ибни Муъовия буд. Ва юз агар ранҷур гардад, саге бихӯрад, шифо ёбад. Ва ӯро бо овози хуш мавосанат (созиш) аст ва шаробро дӯст дорад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст ба мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат, магар назди Молик макрӯҳ аст ва назди шиъа низ ҳаром, лекин ба фурӯхтан ва ба иҷора додан, ки бо он шикор кунанд, ба мазҳаби аҳли суннат равост.

**Ҳикмат.** Заҳрааш бо асал ва намак махлут (якҷоя) карда ба ҷароҳат ниҳанд, сиҳат бошад. Хӯрдани гӯшташ қуввати тан диҳад ва зеҳнро тез кунад. Афканда ва бавли ӯ ҳар ҷо ки бирезанд, мушҳо бигрезанд.

**Ҳикоят.** Шамсуллоҳи Ҳалвоӣ (раҳ.) гуфта, ки юзро чанд хислат аст ва сазовор он аст, ки ҳар оқиле аз ӯ фирор гирад, аввал он ки ҳар гоҳ ки хоҳад, ки сайдро бигирад ва камин кунад, то ба мартаба, ки бар ӯ зоҳир шавад, ки гирифтани сайд ба осонӣ ӯро муяссар аст. Баъд аз он ӯро бигирад. Ва дуюм он, ки медонад, ки чун соҳибаш дар шикор кардан ба ӯ мӯҳтоҷ аст, худро хору залил гардонида, мисли саги шикорӣ дунболи соҳиби худ намеравад, то соҳибашро зарур мешавад, ки ӯро бо худ савор карда мебарад.

**Байт:**

> Ҳамчун саг шикор дар ин дашти бекарон,
> То чанд хун хӯрию давӣ бахри дигарон.

Сеюм он, ки ҳар гоҳ мехоҳанд, ки ӯро таълим кунанд, ки аз шикор гӯшт нахӯрад ба муҷаррари он, ки сагро дар ҳузури ӯ бизананд ва таълим кунанд, аз он қадар таълим мегирад ва мутанаббеҳ мешавад ва тарки хӯрдани шикор мекунад. Ва мӯҳтоҷ ба он намегардад, ки ӯро бояд зад.

Чаҳорум, он ки мурдор нахӯрад ва аз соҳиби худ гӯшти пок металабад. Панҷум, дунболи сайд беҳад надавад, то панҷ навбат, ниҳоят ҳафт навбат агар сайдро гирифт фабиҳо (бисёр хуб) ва илло боз мегардад.

ФИЛ-ро ба форсӣ пил гӯянд ва ба туркӣ ҳамин ном аст. Аз аксар ҳайвоноти барӣ (хушкӣ) бузургтар ва зирактар аст. Ва бо вуҷуди захомати ҷусса (калонҷуссагӣ) ва фарбеҳӣ, ки ба дасту по дорад, тезҳаракат аст. Чун қади вай баланд ва гардани ӯ бисёр кӯтоҳ аст, Худои таъоло ӯро хартуме дароз дода аз гӯшту пӯсти беустухон ва дар он чунон қуввате бахшида, ки ҳама кор бад-он тавонад кард. Ва аз ин хартум обу алаф ба даҳон мерасонад ва забони кӯтоҳ дорад ва баргашта. Аҳли Ҳинд мегӯянд, ки агар забони фил мақлуб (чапа кардашуда) набудӣ, сухан гуфтӣ. Гӯянд баъд аз панҷсолагӣ ҳаяҷони шаҳваташ бошад ва баъд аз ҳафтсолагӣ бача орад. Ва фил ҳаё ва ғайрати бисёр дорад ва миёни гурба ва фил душманӣ аст ва мор низ душмани фил аст. Ва фил чун ранҷур шавад, мор хӯрад, сиҳат ёбад. Ва он ки дар баъзе кутуб гуфтаанд, ки фил бар паҳлу тавонад хуспид, ғалат аст.

**Ҳукм.** Ҳаром аст гӯшти вай назди Абуҳанифа (раҳ.), Шофеъӣ (раҳ.) ва Ҳанбал (раҳ.), аммо пеши Молик ва Абдуллоҳи Қушчӣ (раҳ.), ки аз асҳоби Шофеъӣ аст, ҳалол аст ва назди шиъа низ ҳалол аст. Ва фурӯхтану харидани фил равост дар ҷамиъи мазоҳиб. Ва низ устухони ӯ, ки онро оҷ мегӯянд, ва аз он шона ва дастаи корд ва ғайри он месозанд, пок аст, аммо ба мазҳаби шофеъӣ фатво бар он аст, ки палид аст. Ва агар ӯро сар бурида бошанд, ҳалол аст. Ва пеши Абуҳанифа пӯсти ӯ ба дибоғат (ош додан) пок мегардад, ва пеши шофеъиён пӯсти ӯ палид аст ва дибоғатпазир нест, агарчи ӯро сар бурида бошанд.

**Ҳикмат.** Агар зане саргини филро бо ангубин омехта бар худ баргирад, обистан шавад. Ва агар пораи дандони фил ба риштаи сиёҳ баста, дар гардани гов андозанд, аз вабо ва маргӣ эмин монад. Ва беҳтар он аст, ки дар маҳалле, ки вабо ва маргӣ дар миёни говҳо афтад, шохи онҳо сӯрох карда, пораи аз дандони фил ба он ҷо ниҳанд, эмин бимонанд. Ҷолинуси ҳаким гӯяд: ҳар ки ҳафт рӯз пиҳи фил хӯрад, фарбеҳ гардад. Ва агар нохуни фил се рӯз дар зери соҳиби носур (захми илоҷнопазир) дуд кунанд, зойил гардад. Ва агар дар чашми касе сафедӣ пайдо шуда бошад, нохуни филро ба кӯхнагачи сафед бо об сонда бикашанд, шифо ёбад. Муҷарраб (таҷрибашуда) аст.

## ҲАРФ-УЛ-ҚОФ

ҚИРД-ро ба форсӣ каппӣ ва бӯзина ва маймун мегӯянд. Ҷонвари маҳил, тезфаҳм, ширинҳаракот ва музҳик (хандаовар) аст ва ба нисбати дигар ҷонварон ба одамӣ шабоҳати бисёр дорад: ханда мекунад ва тараб менамояд ва ҷалқ мезанад ва чизҳоро ба даст мегирад ва агар касе хашм кунад, санг бар вай мезанад ва санъатҳо аз одамӣ меомӯзад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст ба мазҳаби ҳанифӣ ва Шофеъӣ ва Ҳанбал ва ҳалол аст ба наздики Молик ва назди шиъа низ ҳалол аст.

**Ҳикмат.** Чашмаш бо худ доштан бехобӣ оварад ва гӯшташ дар маразй ҷуззом (махав) нафъ расонад. Хунаш гарм аст, ҳар ки бихӯрад, забонаш гунг гардад ва дар чашми мардум зишт намояд. Агар аз пӯсташ ғирболе (элак) созанд ва бо он гандуму ҷав, боқӣ ҳубубот (ғалладона)-ро безанд, он заръ (зироъат) аз малах ва боқӣ офатҳо эмин шавад.

**Ҳикоят.** Ривоят кардаанд, ки дар замони Мутаваккил халифаи Бағдод бӯзина варзии варзгар (деҳқони киштгар) буд. Ва дар замони Исмоъил волии Гуҷарот бӯзинаи шатранҷбоз (шоҳмотбоз) бо дигар тӯҳфа ва ҳадя ба ҷиҳати ӯ фиристода буд, чунончӣ аз он бӯзина ҳикояти ғариб манқул аст. Гӯянд яке аз акобир дар маҷлиси шоҳ рӯзе бо он бӯзина шатранҷ мебохт ва чун (дар) бозӣ бӯзина ғолиб шуд, шоҳ пиёдае аз шатранҷ бардошта бар сари ӯ зад. Навбати дигар, ки бозиро бӯзина бад-он мартаба расонид, ки ҳарифро мот созад ва пеш аз он ки бозӣ кунад, аз тарси он ки шоҳ мабодо ӯро бизанад, болише бардошта сипари худ сохт ва оҳиста ҳарифро мот сохт.

ҚУМРӢ-ро ба ҳама забон ном як аст. Овози хуш дорад. Аз овози ӯ ҳашарот-ул-арз мисли каждум ва ақраб ва ғайра бигрезанд. Агар байзаи фохта бар зери вай ниҳанд ва байзаи қумрӣ бар зери фохта ҳарду қумрӣ бароранд. Ва аз ғароиби аҳволи ӯ он аст, ки чун қумрии нар бимирад, модаи вай бо дигар ҷуфт намешавад ва нола кунад, то он ки бимирад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст ба ҷамиъи мазоҳиб, аммо касе майли хӯрданаш накунад.

**Ҳикоят.** Аҳли таърих навиштаанд, ки подшоҳи Синд барои Султон Маҳмуд мурғе ба шакли қумрӣ ҳадя фиристода буд, ки ҳар гоҳ таъоме заҳролуд медид, ашк аз чашмҳои ӯ ҷорӣ шуда, бар замин мисли санг мебаст ва хосияти ӯ он буд, ки чун ӯро метарошиданд ва бар ҷароҳатҳо мемолиданд, ҷароҳатро фароҳам меовард.

ҚУНФУЗ-ро ба форсӣ хорпушт ва ба туркӣ карнӣ гӯянд. Дуруштрафтор аст ва дар шаб бисёр роҳ меравад ва ба хӯрдани мору афъӣ майли тамом дорад. Ва думи морро гирифта сар дар худ кашад, то мор худро чандон бар вай занад, ки маҷрӯҳ ва суст гардад ва баъд аз он ӯро бихӯрад. Ва агар афъӣ ӯро бигазад саътар (овис) хӯрад, шифо ёбад.

**Ҳукм.** Ҳалол аст назди Шофеъӣ (раҳ.) ва Аҳмад (раҳ.) ва Молик (раҳ.) ва ҳаром аст назди ҳанифӣ ва шиъа.

**Ҳикмат.** Гӯшти вай дар марази ҷузом муфид аст. Агар хуни вай ба захми саги девона бимоланд, нафъ расонад. Ва заҳраи вай дар мавзеъе, ки мӯй гандида бимоланд, боз бар наояд ва агар дар чашм кашанд, сафедиро зоил кунад.

## ҲАРФ-УЛ-ҚОФ

ҚАРҚАДАН-ро ҳарис гӯянд. Ва ҷонварест, ки дар баъзе билоди Ҳинд мебошад. Аз ҷомуш (говмеш) калонтар аст ва аз фил кӯчактар ва ба шакл чун гов бинамояд ва захомату синаи фил дорад. Ва бар пушти бинии ӯ як шохи калон ва маҳкам мебошад. Ва миёни он шох пур мебошад. Ва низ аз он шох як шохи дигар каҷшуда пайдо мешавад. Ва сари он шох бисёр тез мебошад. Нақл кардаанд, ки чун ӯ бо фил ҷанг мекунад, шохи худро дар шиками фил мезанад ва боз шохи худ ба сабаби бори фил аз шикамаш баровардан натавонад. Лиҳозо ҳарду мезанад. Ва каркадан ба ҷуз гиёҳ чизе намехӯрад. Ва чун шохи вайро бишикофанд, андаруни ӯ мунаққаш ба нақшҳои аҷиб мебошад. Ва подшоҳон аз шохи ӯ камарбанд месозанд. Ва ӯ бисёр нодир ва бас қимат бошад Ва соҳиби «Аҷоиб-ул-махлуқот» навишта, ки умраш то ҳафтсад сол мерасад. Ва ҳаяҷони шаҳваташ баъд аз панҷоҳ сол аст. Ва чун ҳомила шавад, баъд аз се сол як бача мезояд. Чунон ки бачааш дандон ва сум дар шиками модар барорад.

**Ҳукм.** Дар боби ҳиллат (ҳалолӣ) ва ҳурмати (ҳаромии) вай ихтилоф аст. Шайхулислом гуфта, ки зоҳир он аст, ки ҳалол бошад, чаро ки алаф мехӯрад ва яҳтамил (эҳтимол), ки ҳукми фил доштааст.

**Ҳикмат.** Бидон, ки шӯъбае, ки аз шохи ӯ ҷудо шуда пайдо мешавад, чизе нодир аст. Чунончи ӯро агар соҳиби қуленҷ ба даст гирад, шифо ёбад. Ва агар дар шиками касе бачаи мурда бошад, агар он шохро дар дасти ӯ диҳанд ба муҷарради гирифтани ӯ бача биандозад. Ва агар ӯро ба сӯхон соида, ба масрӯъ (гирифтори саръ) ва мафлуҷ (гирифтори фалаҷ) ва касе, ки ташаннуҷ (ларзиш) дошта бошад, бинӯшо-

нанд, шифо ёбад. Ва агар ба сӯҳон соида бурода (реза)-ашро бо хок биёмезанд ва он хокро бар ҷамъе аз хуфтагон бипошанд, онҳо як шабонарӯз аз хоб бедор нашаванд. Ва агар ба навъе бедор созанд, бархезанд ва боз бияфтанд. Ва агар дар чизе он шохро ниҳанд, қуввати заҳр ва асараш ботил кунад.

ҚУЛАНГ-ро ба форсӣ низ куланг гӯянд ва ба туркӣ вазмо гӯянд. Ҷонвари машҳур аст. Ва як куланг танҳо ҷое наметавонад монад, балки ҷамъ шуда муттафиқ (тифоқ) мебошанд ва шаб ҷое, ки мақом кунанд, як ё дуто аз эшон ба навбат пос медорад. Ва дар поси душман доштан ба як по истода бошанд, то агар хоб ғолиб шавад, зуд ҳушёр гарданд. Ва аз сифоти писандидаи куланг он аст, ки ҳар гоҳ модараш пир шавад, ӯро зоеъ намегузорад ба хилофи дигар туюр (паррандагон), балки ҳар ҷо, ки меравад, модарро ҳамроҳ мебарад ва дар тӯъмаи ӯ мадад мекунад. Ва араб кулангро ба ҳамоқат (аблаҳӣ) таъриф кардаанд, ба сабаби он ки ба як пой роҳ меравад ва метарсад, ки агар ҳарду пой бар замин ниҳад, мабодо дар замин фурӯ равад. Ва дигар он, ки ҳар гоҳ хоҳанд, ки ӯро бигиранд, ҷонварон як тараф истода кунанд ва онҳоро бипарронанд ва ҷамъе, ки истодаанд, ба тарафи дигар дастҳо (болҳо) барҳам зананд. Онҳо дар ҳаво аз он тараф расида, ба тарафе раванд, ки дар он тараф ҷонвар нигоҳ доштаанд ва гирифтор шаванд.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Гӯшташ гарм ва хушк аст ва хуштаъм ва қуввати боҳ бияфзояд. Агар чашмаш соида дар чашм кашанд, бехобӣ оварад. Чун заҳрааш бо марзангӯш махлут карда, ба ҷониби мафтуҳи соҳиби лақва ниҳанд ва то ҳафт рӯз ӯро ба рӯшноӣ наёранд ва торикӣ нигоҳ доранд, шифо ёбад, ҳамчунин дарди сар ва нузули оби чашмро муфид аст. Ва ҳарки заҳраи куланг бо худ дорад, далер шавад. Ва агар димоғи ӯро бо равғани занбақ дар димоғ чаконанд, чизе ки фаромӯш карда бошанд, боз ёд ояд.

ҚАЛБ-ро ба форсӣ саг ва ба туркӣ ийт хонанд. Агарчи нопок ва хабистарини ҳайвонот аст, аммо аксар хасоили мустаҳсан (нек) дорад ва чунончи вафодорӣ ва қаноъат ва сабурӣ бар шиддат ва сахтӣ ва гуруснагӣ ва камхобӣ ва мулозимати доимӣ бо молики худ кардан ва ба дафъи душман пардохтан ва дар ғайбат ва ҳузур ба муҳофазати ҷону моли соҳиби худ кӯшидан. Ва агар аз соҳиб озоре ёбад, чандон ки тавонад ҳаққи неъмат фаромӯш накунад ва аз мулозамат (ҳамроҳ будан)-и ӯ нагардад ва душмани соҳибро наздик нагузорад ва дӯсти соҳибро озор нарасонад ва ғайра. Аз си-

фоти (ӯ) кошкӣ дар баъзе одамисуратони шаётинсират, ки шеваи бевафоӣ ва ҳирс ва тамаъ ва изорасонии валинеъмат оин ва шиъори худ сохтаанд, будӣ.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ ҳаром аст ва наҷас (палид) ба ҷамиъи мазоҳиб ва нигоҳ доштани ӯ барои сайд кардан ва нигаҳбонӣ дуруст аст. Ва Аҳмад Ҳанбал (раҳ.) сайд кардан аз саги сиёҳ ҷоиз надошта аст. Ва аввал касе, ки ӯро ҷиҳати нигаҳбонӣ нигаҳ дошта, ҳазрати Нӯҳ (а) буданд ва нигаҳ доштани саг, ки сайд ва посбонӣ накунад, ҷоиз нест. Ва саги девонаро аз фавосиқи хамса (фосиқони панҷгона), ки воҷибулқатланд (яъне қатлашон воҷиб аст), шумурдаанд ва дар Ҳадиси шариф ворид шудааст, ки Ҳазрат (с) иршод фармудаанд, ки малоика дар хонае, ки саг ё тасвири саг кашидаанд, дар намеоянд. Ва баъзе аз уламо гуфтаанд, ки ҳадис ворид аст дар ҳаққи саге, ки ҳоҷат бад-ӯ набошад ва баъзе гуфта, ки ҳукми ом (ҳама) аст барои ҷамиъи сагон.

**Ҳикмат.** Чашми саги сиёҳ ҳар ҷо, ки дафн кунанд, он мавзеъ хароб шавад. Ва забони сагро агар бар касе банданд, ки ӯро саги девона газида бошад, нофеъ аст ва агар дар гардани бача банданд, дандонаш ба осонӣ бароянд. Ва ҳар киро саги девона газида бошад, агар ӯро ҷигари саг ба ришта бихӯронанд, шифо ёбад. Ва ҳар кас, ки дандони саг бо худ дорад, сагон бар вай ҳамла накунанд ва низ ӯро дида фарёд накунанд. Ва агар хоке, ки саг бар он шошида бошад, рӯзи чаҳоршанбе ғулула сохта ба гардани соҳиби таб банданд, нафъ бахшад. Ва бештар уламо бар онанд, ки Саги асҳоби қаҳф низ аз ҷинси ҳамин сагон аст. Ва назди баъзе он аст, ки мурод аз Саги асҳоби каҳф шер аст, чаро ки арабон шерро низ маҷозан калб мегӯянд.

## ҲАРФ-УЛ-ЛОМ

ЛАҚЛАҚ-ро ба форсӣ ва туркӣ лаклак гӯянд. Ва ӯро ба зиракӣ сифат мекунанд ва бештар дар он мулк, ки ҳавояш мӯътадили моил ба ҳарорат бошад, мемонад ва дар ҳар мулке на тағйир дар ҳавои ӯ пайдо шавад, гурехта ба диёри дигар меравад. Ва дар Хуросон ва дар вилоёти сардсер ба аввали фасли баҳор пайдо мешавад ва то вақте ки ҳавои мӯътадил ва гарм аст, он ҷо мемонад ва баъд аз он ки қариб ба фасли хариф (тирамоҳ) наздик шуд, аз он ҷо ба самти Ҳиндустон меравад ва то охири фасли хариф ба сар бурда, боз ба фасли баҳор ба самти Хуросон меравад. Ва дар миёни лаклак ва мор душманӣ аст. Чунончи морро гирифта ба ҳаво

мебарад ва аз он ҷо ӯро ба замин меандозад то ҳалок шавад. Баъда ӯро тӯъмаи худу бачагони худ месозад. Ва мор низ қасди бача ва байзаи ӯ медорад. Аз ин ҷиҳат бар ҷоҳои баланд мисли сари манораҳо ва болои гунбадҳо ошёна месозад. Ва чун байза медиҳад вақте аз пеши ошёнаи худ ғоиб намешавад. Ва аҳли Хуросон ва Мовароуннаҳр ба диданаш хуррамӣ мекунанд, чаро ки нишони омадани баҳор аст.

**Ҳукм.** Ҳалол аст дар мазҳаби имом Абӯҳанифа (раҳ). ва дар мазҳаби Шофеъӣ (раҳ.) ду ривоят аст. Бештари уламои собиқа бар онанд, ки ҳаром аст, чаро ки мор мехӯрад. Ва дар мазҳаби имомия ривояте сареҳ дар ҳаллияти ӯ ба назар наёмада. Аммо шурутҳое (шартҳое), ки дар ҷонварони ҳалол гуфтаанд, баъзе дорад ва аллоҳу аълам.

**Ҳикмат.** Агар бачаи вайро бикушанд ва бар маҷзум (маҳав) банданд, нафъ бахшад. Ва байзаи ӯ беҳтарин хизоб (ранг) аст. Ва аз ғароиби ӯ он, ки доштани устухонаш назди худ изолаи (дафъи) ғам намояд ва низ аҷоибтар он аст, ки баъзе ҳукамо навиштаанд, ки агар чашми ӯро касе ҳамроҳи худ дорад, дар об ғарқ нашавад ва ҳар чанд, ки шиноварӣ ҳам надонад.

## ҲАРФ-УЛ-МИМ

МАЛИҚУЛҲАЗИН-ро ба форсӣ битумор ва ба туркӣ аххор хонанд ва ин ном ба ҷиҳати он ёфта, ки агарчи ба канор мемонад, об намехӯрад бад-ин андеша, ки мабодо (об) гум нашавад.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб ҳалол аст, илло дар мазҳаби имомия ҳаллият ва хурмати ӯ сареҳан ба кадом кутуби ӯшон ёфта нашуда, аммо баъзе шурути ҳаллият дорад.

**Ҳикмат.** Ҳар ки гӯшти ӯ бисёр хӯрад, бавосир пайдо кунад.

## ҲАРФ-УН-НУН

НАСР-ро ба форсӣ ва туркӣ каргас хонанд. Ва ӯро араб шариф ва сайиди (пешвои) мурғон низ хонанд. Балки баъзе акобир инро аз Ҳазрати пайғамбар (с) нақл кардаанд ва машҳур миёни мардумон аст, ки уқоб сайиди мурғон аст. Ва каргас дарозумр мебошад. Чунончи баъзе мегӯянд, ҳазор сол мезияд ва тезчашм аст, чунонки аз чаҳорсад фарсах роҳ мебинад ва бӯи мурдор аз дур мешунавад. Ва агар бӯи хуш бад-ӯ расад, бемор мегардад ва баъзе гуфтаанд, ки мемирад. Ва

туъма бисёр мехӯрад. Чунончи чун сер мешавад, ӯро ба осонӣ метавон гирифт. Ва бо хаффош (кӯршаппарак) душманӣ дорад. Аз ин ҷиҳат болои кӯҳҳои баланд ошён созад ва барги чанор дар ошёнаи худ ниҳад, то хаффош дар он наравад ва байзааш ба зиён наёрад. Ва баъзе аз муаррихон гуфтаанд, ки чун нари ӯ ба модааш нигоҳ кунад, модааш ба ҳамин қадар тухм ниҳад ва дар ҷои баланд ба гармии офтоб байза ниҳода, бача берун меорад. Аммо қавли дуруст он ки монанди хурӯс бо мода ҷуфт мегардад ва ҷуфти худро чандон дӯст медорад, ки агар аз ӯ ҷудо гардад, ҳалок шавад. Ва чун ранҷур шавад, гӯшти одамӣ хӯрад, сиҳат ёбад. Ва чун чашмаш тира гардад, ҷигари одамӣ хӯрад, рӯшан гардад.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб ҳаром, магар ба мазҳаби Молик (раҳ.) макруҳ аст.

**Ҳикмат.** Агар заҳраи ӯро дар гӯши касе, ки карии куҳан дошта бошад бичаконанд, нафъ расонад. Ва агар ҳафт навбат паёпай дар чашм кашанд, торикиро зоил кунад. Ва агар ба оби сард заҳраи ӯро ҳафт бор гирди чашм тало кунанд, аз нузули об манъ кунад. Ва агар пиҳи вайро дар зери пои зане, ки ба душворӣ зояд, ниҳанд, ба осонӣ зояд.

НАЪОМА-ро ба форсӣ шутурмурғ ва ба туркӣ вадаҳғуш хонанд. Мурғест ҷоҳил ба ҳамоқат ва аблаҳӣ машҳур. Чунончи аз сайёд бигрезад ва сари худро дар зери рег пинҳон созад, чунонки сайёд ӯро бинад ва мегирад. Ва араб мардуми беақлро тамсил ба ӯ диҳанд. Ва гӯянд тухмҳои худро ба ду бахш кунад. Як бахшро бача берун меоварад ва як бахшро мегузорад то ганда шавад ва аз онҳо кирмҳо пайдо шаванд ва ғизои бачагонаш ҳамон кирмҳо шаванд. Ва аз аҷоиби ӯ он ки ҳоссаи (қувваи) шунидан надорад. Ва аммо ҳоссаи шома ва бӯй шамиданаш бисёр аст. Ва об кам мехӯрад ва балки аслан намехӯрад. Ва агар як пои вай бишканад бо пои дигар роҳ наметавонад рафт.

**Ҳукм.** Ҳалол аст гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб.

**Ҳикмат.** Заҳрааш торикии чашмро бибарад ва ба хӯрдани гӯшташ агар мудовамат намоянд, бодҳои зиштро зоил кунад. Пиҳашро агар бар варамҳо тало кунанд, шифо бахшад. Байзааш агар дар дег афкананд, таъом зуд пухта шавад. Ва агар пӯсти байзааш дар оби сард афкананд, гарм шавад. Ва агар ӯро дар аввали тобистон ё дар баҳор охар (дигар) бигиранд ва дар хона дафн кунанд, афъӣ аз он ҷо бигрезанд ва агар ақрабгазида пиҳи ӯ бихӯрад ва дар мавзеъи захм бимолад ва зуд зоил кунад.

НАМИР-ро ба форсӣ паланг ва ба туркӣ филон гӯянд.

Ҷонвари золим ва мутакаббир, пурқувват ва тезутунд ва бадтарин сабоъ (дарранда) аст. Ва шаробро дӯст дорад ва агар меёбад, чунон мехӯрад, ки беҳуш мешавад. Чунонки дар ҳолати нашъа ба осонӣ метавон гирифт. Ва аз даҳанаш ба хилофи дигар ҷонварон (ва) даррандагон бӯи хуш ояд. Ва камараш дар ниҳояти нозукӣ аст, чунончи бо андак садама шикаста шавад ва чун сер мешавад, се шабонарӯз хоб мекунад. Ва сайдкардаи ҷонварони дигар нахӯрад. Ва ғазабу қаҳри бисёр дорад. Ва ба ривояти заъиф аз он Ҳазрат (с) омада, ки аз ҷумлаи касоне, ки назди Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло гиромианд, касест, ки ғазаб кунад, вакте ки касеро муртакиби умуроти номашруъа (ғайришаръӣ) бинад. Чунончи паланг дар ҳимояти нафс ғазаб мекунад ва чун хаста ва бемор шавад, аз хӯрдани муш шифо ёбад. Ва ӯро бо мор душманӣи тамом аст ва бо дигар ҳайвонот душманӣ дорад.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб ҳаром аст, магар дар мазҳаби Молик макруҳ аст.

**Ҳикмат.** Сари паланг ҳар ҷо, ки дафн кунанд, мушон дар он ҷо ҷамъ шаванд. Ва заҳраи ӯро агар дар чашм кашанд, равшанӣ зиёда кунад ва манъи нузули об намояд. Ва пиҳи ӯро барои заҳмати фолиҷ ва дарду захм ва дурустии ҷароҳати кӯҳна нофеътарин аз дигар адвияҳо (давоҳо) аст. Ва дар пӯсташ хуфтан дафъи бавосир намояд.

НАМЛ-ро ба форсӣ мӯрча ва ба туркӣ фадиха хонанд. Аз ҳама ҷонварон дар талаби рӯзӣ ҳаристар бувад ва дар захира кардан чандон машаққат намояд, ки агар ӯро маълум шавад, ки умраш як сол зиёда намонад ҳам, ғизои чанд сол фароҳам намояд. Ва онҳоро ду пора карда медорад то аз рӯидан маҳфуз монад. Ва кашнизро чаҳор пора кунад, чароки ним дона кашниз ҳам мерӯяд. Ва аз тарси он, ки ғаллааш ба сабаби рутубати замин ганда нашавад, аз хонаи худ баровард, дар тоби офтоб дошта, боз мебарад. Ва бовуҷуде ки баъзе ҳукамо гуфтаанд, ки ҳаёти ӯ аз хӯрдан нест, чароки меъда надорад ва ба бӯи дона сер мешавад. Ва ӯро қуввати шомма (бӯидан) дар ғояти тезӣ аст.

**Ҳукм.** Агар мӯрча озору зарар нарасонад, куштани ӯ назди баъзе ҳаром аст. Ва чун озор расонад, он гоҳ куштан ва об андохтан ва сӯхтани хонаи вай равост.

**Ҳикмат.** Агар дар хонаи касе тухми мӯрча андозанд, мардумони хона мутафарриқ (аз ҳам ҷудо) шаванд. Ва агар гӯгирд дар хонаи мӯрча андозанд, ҷумла мӯрчаҳо бимиранд. Ва агар тухми мӯрча саҳқ карда (соида) дар бағал ва пушт ва зиҳори бачае, ки болиғ нашуда бошад, тало кунанд, мӯй

бар наёянд. Ва агар мӯрчаро дар равғани зайт ҷӯшонанд ва аз он равған қатрае дар гӯши касе, ки озор карда бошад, чаконанд, нафъ расонад.

## ҲАРФ-УЛ-ВОВ

ВАЪЛ-ро ба форсӣ бузи кӯҳӣ гӯянд ва туркон нарашро доғкачрӣ ва модаашро доғкачайсӣ гӯянд. Ва баъди ҳар се сол шохҳо бияфканад ва душмани мору харчанг бувад.

**Ҳукм.** Гӯшти ӯ ба ҷамиъи мазоҳиб ҳалол аст.

**Ҳикмат.** Шохи бузи кӯҳӣ ва думи морро бисӯзонанд ва хокаш дар кафи по моланд, аз бисёр рафтан аламе (дарде) нарасад. Ва фодзаҳр (позаҳр), ки онро тарёқи форуқи табъӣ гӯянд ва он монанди баллутӣ (чалғӯзаи баллут) бувад ва дарозу гирд ва ба нармӣ аз санг камтар бувад ва вай табақот (қабатҳо) дорад ва дар миёни он чизе аст, ки гӯё мағзест ва он хуб мунҷамид (яхбаста) бо пӯст бошад. Ва фодзаҳр дар ширдони бузи кӯҳӣ бошад. Ва он чи нек аст, чун бо шир дар санг бисоянд, сурхранг шавад ва он чи забун бувад, сабзранг бошад. Ва гӯянд ғизои он аксар мор бувад. Ва беҳтарин он бувад, ки дар кӯҳистон ҳосил шавад ва аз он ҷо ба атрофи (тарафҳои) дигар баранд ва бағоят азиз бувад дар вилояти Тилангона (номи мулкест дар Дакан). Дар ширдони бузи аҳлӣ (хонагӣ) низ мебошад ва ба ранги сурат мушобеҳ ба ҳамон аст ва дар хосият низ наздик аст. Ва фодзаҳри маснӯъ низ мебошад. Имтиҳони вай он аст, ки сӯзанеро ба оташ гарм карда дар ӯ фурӯ баранд агар маснӯъ бувад, дуде сиёҳ аз вай берун ояд ва агар беғаш ва асил бувад, дуде зард берун ояд, ки нӯки сӯзан зард кунад. Ва чун фодзаҳрро бо оби розиёна бисоянд ва бар газидагии мор тало кунанд, фавран дард нишонад ва аз мурдан эмин шавад. Ва судманд бувад ҷиҳати газидагии ҳамаи ҷонварон ва заҳрҳои наботӣ ва ҳайвонӣ ва маъданӣ хӯрдан ва тало кардан. Ва ҷиҳати заъфи дил ва бадан ва қуввати боҳ бағоят нофеъ бувад. Ва микдори шарбате ҷиҳати газидагии ҷонварон ва дафъи заҳрҳо дувоздаҳ ҷав бувад ва шарбате ҷиҳати заъфи дил ва қуввати аъзо як донак бувад. Ва ҳар касе ки ҳар рӯз ним донак бихӯрад, аз аксар офот эмин бошад. Ва судманд бувад маҳрурмизоҷро (гармизоҷро) низ, ба сабаби он ки ӯ ба хосият амал мекунад на ба табиат. Табиати ӯ бағоят гарм бувад ва агар ба дандон расад, мазаррат расонад. Онро ба навъе бояд хӯрд, ки ба дандон нарасад.

## ҲАРФ-УЛ-ҲО

ҲУД-ҲУД-ро ба ҳама забон ҳамин ном аст. Ва ӯ мурғи хушсурату кӯчак аст, аммо бӯи нохуш дорад. Ва обро дар зери замин мебинад. Аз ин ҷиҳат ҳамроҳи ҳазрати **Сулаймон** (а) мемонад ва дар «Қасас-ул-анбиё» (зикр) аст, ки Уҷ бинни Унуқ кӯҳе бардошт, ки бар ҳазрати **Мусо** (а) ва қавмаш занад. Ба фармони ҳазрати Ҳақ таъоло ҳудҳуд дар вай чандон сӯрох кард, ки он санг дар гардани Уҷ афтод ва бадин бало Уҷ ҳалок шуд ва муросалати мувосалати (мукотибаи дӯстии) ҳазрати Сулаймон (а) ва **Билқис** ба василаи ҳудҳуд гардид. Чунончи дар Каломи маҷид мазкур аст.

**Ҳукм.** Макруҳ аст гӯшти ӯ назди имомия ва ҳалол аст назди Абӯҳанифа (раҳ.) ва ба як ривоят аз Шофеъӣ (раҳ.), лекин фатво дар мазҳаби шофеъӣ бар он ки ҳаром аст аз ҷиҳати он, ки аз вай бӯи бад меояд. Ва он Ҳазрат (с) аз куштани ӯ манъ фармудаанд.

**Ҳикмат.** Ҳар ҷо, ки ҳудҳуд бувад, ҳеҷ як аз ҳавоми арзӣ (ҳайвоноти хазанда ва газандаи заҳрнок) дар он ҷо қарор намегирад. Ва чашмаш дар зери болиши ҳар касе ки ниҳанд, дар хоб наравад. Ва агар чашмаш дар касе банданд, фаромӯшӣ оварад. Ва ҳар кас, ки забонашро бо худ дорад, душман бар ӯ зафар наёбад. Ва дилаш бо худ доштан қуввати боҳ диҳад. Оби гӯшти ӯ дар заҳмати қулинҷ нофеъ бувад. Агар дилаш ба гардани касе ки осори заҳмати ҷузом дар ӯ пайдо шуда бошад, банданд, модоме, ки овехта бошад, эмин бошад. Ва агар дилашро бирён карда, ду кас бо ҳам хӯранд, аз муҳаббати якдигар сабр ёбанд. Заҳрааш агар дар бадани соҳиби лаква ва ифлоҷ (фалаҷ) бимоланд ва ӯро се рӯз дар ҷои торик бидоранд, сиҳат ёбад. Боли росташ агар дар зери сари хуфта бидоранд, бедор нашавад, ва аз дуди пари вай газандаҳо бигрезанд. Ва агар хуни вай дар чашм кашанд, сафедӣ, ки ориз (пайдо) шуда бошад, биравад. Ва мағзи сари ӯро агар дар кабӯтархона дуд кунанд, кабӯтарҳои он ҷо аз гурба ва ғайра эмин шаванд. Ва агар ҳудҳудро хушк намуда дар хона биёвезанд, аҳли он хонаро аз сеҳр зарар нарасад. Чанголашро сӯхта ва суда агар дар шарбат ба зане диҳанд, агар дар он шаб шавҳараш бо ӯ наздикӣ кунад, ҳомила шавад.

## ҲАРФ-УЛ-ЙО

ЯРБУЪ-ро ба форсӣ муши даштӣ ва муши даванда ва ба туркӣ аёғлавҳа ва исҳақон гӯянд. Дар саҳро мебошад ва поҳои дароз дорад ва дастҳои кӯтоҳ ва ранг ба ранги оҳубарра бувад.

**Ҳукм.** Ҳаром аст назди ҳанифӣ, аммо назди имом Молик (раҳ.) ва Шофеъӣ (раҳ.) ва Ҳанбал (раҳ.) ҳалол аст. Ва назди шиъа низ ҳалол аст.

**Ҳикмат.** Агар мӯи зиёда дар чашм пайдо шаванд, агар кандида хуни ярбӯъ бар он тало кунанд, боз он мӯй нарӯяд.

## ТАМАТ

**Масъала.** Дар кашидани танбоку ҳеҷ зарурати табиӣ мавҷуд нест. Пас кашиданаш коре лағз ва бефоида аст. Ва иҷтиноб (парҳез кардан) аз лағв воҷиб (ногузир) аст. Муттақиро (парҳезгарро) тарки он аҳам (зарурат) аст.

## ТАВЗЕҲОТ

**Асҳоби каҳф** — ё р о н и х у д о ҷ ӯ, ҳафт ҷавони эътикодманди Оллоҳ, ки аз таъқиб бо сагашон дар ғор паноҳ бурдаанд ва аз Оллоҳ илтиҷо кардаанд, ононро ҳифз кунад. Оллоҳ онҳоро хобонд ва баъди ҷандсад сол бедор кард ва чун диданд олам барояшон бегона аст, аз нав ба хоби абадӣ рафтанд.

**Бавосир**, г е м о р о й — як навъи иллати макъад, ки дар натиҷаи васеъшавӣ ва укда (гирех) — гардиии рагҳои хунгарди рӯдаи рост ба вуҷуд меояд. Ба он аксаран одамони миёнсол гирифтор мешаванд.

**Баршигол** — мавсими борон, ки бо номҳои барсот, баршкол ва барашкол низ маъмул аст.

**Баҳақ** — навъи беморӣ, иллатест, ки аксар бар андоми навҷавонон падид меояд.

**Билқис** — зане буд зебосурат, фармонфармои шаҳри Само, ки ба никоҳи ҳазрати Сулаймон омад.

**Дулдул** — хачири сафеди ба сиёҳӣ моил, ки ҳокими Искандария ба ҳазрати Муҳаммади пайғамбар фиристода буд ва он Ҳазрат ба амиралмӯъминин Алӣ бахшида буд.

**Занбақ** — гулест хушбӯ, баргҳои дароз ва гулҳои сафед дорад.

**Заъфарон** — гиёҳе, ки гулҳои зарди хушбӯ дорад.

**Зеробод** — шаҳрест дар ҳаволии Бангола.

**Зиқуннафас** — навъи бемории роҳи нафас; тангии нафас, дамкутоҳӣ, астма.

**Иброҳим**, И б р о ҳ и м и Х а л и л у л л о ҳ — дар асотири ислом асосгузори яккахудоӣ. Фарзанди Озари бутпараст. Алорағми ақидаи падар Иброҳим мардумро даъват мекард, ки ба ҷои бут худои ягонаро бипарастанд ва тамоми бутҳои Каъбаро бишкаст. Ӯ ният дошт фарзандаш — Исмоилро барои худо қурбон кунад ва аз ҳамон дам қурбонию Иди қурбон расм шуд.

**Истирхо** — бемориест, ки гирифтори он пешоброо нигоҳ дошта наметавонад, сустии сари қабуқ.

**Истисқо**, о б х ӯ р а — бемориест, ки дар натиҷаи он моддаҳои обакӣ дар шикаму дигар аъзои бадан ҷамъ мешаванд.

**Исҳол** — ҷорӣ шудани шикам, дарунравӣ.

**Кисро** — лақаби Хусрави Анушервон ва лақаби подшоҳони Сосониён баъд аз Анӯшервон.

**Лур** — тоифае аз саҳроиён, ки тибқи ривоёт аз шайтон ва канизони Сулаймон ба вуҷуд омадаанд.

**Лут** — номи яке аз пайғамбарони Бани Исроил, ки гуё қавми ӯ бисёр бадкор будаанд ва худо шаҳри онҳо чаппагардон кард ва ба сари боқимондагонашон борони сангу оташ рехт.

**Марзангӯш,** Марзанҷӯш — навъе аз райҳон, ки хушбӯст ва гули кабуд дорад.

**Меҳргиёҳ** — мардумгиёҳ, ки ба ар. ябруҷ гӯянд. Ҳар ки бехи онро, ки ба сурати инсон мебошад вад уро ҳама мардум дӯст доранд.

**Молик** (Молик ибни Амас) — муассиси мазҳаби моликия, ки бо номи «Имоми Мадина» ҳам маълум аст. Таълимоти Моликия ба таҳаммулнопазирии динӣ, эътирофи қатъии ҳадис ва ба эътибор нагирифтани райъ асос ёфтааст.

Ҳоло дар Тунис, Алҷазоир, Марокаш, Африқои Ҷанубӣ, Судон ривоҷ дорад.

**Мӯрд** — як навъи дарахтест ба монанди анор, ки баргҳои ҳамешасабзи хушбӯ дорад ва дар дорусозӣ фаровон истифода мешавад.

**Мӯсо,** Мӯсои Калим, Қалимуллоҳ — дар асотири Таврот, Инҷил ва Қуръон пайғамбари яҳудиён аз ҷумлаи анбиёи мурсал. Китоби Таврот ба ӯ нозил шудааст. Дар кӯҳи Тури Сино бо худо роз гуфтан, соҳиби мӯъҷиза будани асои Мӯсо, қиссаҳои Яди байзо ва Қорун аз ҷумлаи ривоятҳои мансуби Мӯсо пайғамбаранд.

Намруд, Нумруд, Ибни Қанъон ибни Куш — дар асотири мардуми Шарқ подшоҳи Бобул, ки пайғамбарии Иброҳим напазируфта даъвои худоӣ кардааст. Дар давраи авҷи кибру ғурури Намруд ба хости худо пашшае ба димоғи ӯ даромада мағзи саращро мехӯрад ва ба ҳалокат мерасонад.

**Никрис,** нақрас — варами банди ангуштони пову даст.

**Нӯҳ** — дар асотири ислом яке аз пайғамбарон. Як гурӯҳи умматон аз худо рӯй гардониданд ва ба пайғамбарии Нуҳ шак оварданд. Нӯҳ аз худо барояшон ҷазо хост, сипас тӯфони азиме бархост ва бидуни хешу ақрабо ва пайравони Нӯҳ ва аз ҷумлаи наботот чизе, ки дар киштии азим буд, дигар ҳама ғарқ шуд.

**Оиша** — зани дӯстдоштаи ҳазрати Муҳаммад пайғамбар, духтари халифаи нахустин Абубакр.

**Рибъ** — таби ду рӯз дар миён.

**Сабал** — бемории чашм, ки дар асари он рагҳои чашм сурху пур мешаванд ва чашм ба хориш даромада обрав мегардад.

**Саратон** — навъи мараз, варами савдовӣ, ки сахт бошад ва ҳар рӯз бузургтар шавад ва рагҳои сурху сабз мисли дасту пойи саратон (ҷонварест дар ҷӯйҳо ба андозаи ғуки мутавассит ба шакли анкабут, харчанг) дар он намудор бошанд.

**Судоб,** садоб, садобу, шодоб, хуфта, рута — гиёҳест сершоху барг мисли пудина, ки баргҳои резаи бадбӯ ва гулҳои зард дорад, барои исқоти ҳамл ва хондани сеҳру афсун ба кор баранд.

**Сулаймон** — пайғамбар, дар асотири ислом писари Довуди пайғамбар аст, ки ба ӯ боди қаҳр тобеъ буд ва забони мурғонро медонист. Ба хости худои мутаъол девҳо дар итоати ӯ буданд. Сулаймон ангуштарие дошт, ки тавассути он дорои қувваи фавқуттабиа буд.

**Сурфа** — ҷонварест, ки дарахтро сӯрох кунад ва ба шабеҳии он номи иллатест, ки ба арабӣ суъол ва ба ҳиндӣ кант гӯянд.

**Суҳайл** — номи ситораест дурахшон дар қисми ҷанубии осмон. Онро Суҳайли Яман ва Суҳайли Ямонӣ низ мегӯянд.

**Тиббат** — номи ҷоест мушкхез дар миёни шарқу шимоли Қашмир, ки мушки хуб аз он ҷо оранд.

**Убна** — бемории хориш, ки дар мақъад пайдо мешавад.

**Фаридун** — дар асотири қадимаи эронӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва насри омиёнаи форс-тоҷик («Самаки айёр» ва ғайра) яке аз персонажҳои машҳур. Фаридун аз авлоди Ҷамшед буд ва бо ёрии Коваи Оҳангар Заҳҳокро дар кӯҳи Дамованд занҷирбанд кард. Рӯзи ба тахт нишастани Фаридун моҳи Меҳр буд ва аз он рӯз ҷашни Меҳргон расм шуд. Фаридун панҷсад сол ҳукмронӣ карда, охир кишварашро байни писаронаш — Салм, Тур ва Эраҷ тақсим кард.

**Фалаҷ** — истирхо ва сустии нимаи бадани одамӣ, ки оқибат аз ҳаракат мемонад.

**Ханозир**, д у қ о қ, т е л к у, с в и н к а — бемории сории ғадуди гардану гулӯ.

**Хато** — вилоятест мобайни Туркистон, Чин ва Турон.

**Хаттобия** — фирқаи ғулоти шиъа аз номи муассис ва раҳбари рӯҳониаш Абулхаттоб. Ӯ таълим медод, ки рӯҳи илоҳӣ муттасил дар имомҳои авлоди Али ибни Абитолиб ҷойгир мегардад.

**Хафақон** — дилтангӣ, дамгирӣ, таппиши дил, астмаи шуш.

**Хизоб** — ранг, ҳино, вусма, ҳар ранге, ки мӯй, абрӯ, панҷаи дасту поро барои ороиш ранг мекунанд.

**Шофеъӣ** (Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Идрис аш-Шофеъӣ) — муассиси мазҳаби шофеъия. Шофеъӣ асарҳои бисёре таълиф намуда, ки расоили умдаашро шогирдонаш дар маҷмӯаи «Китоб-ул-умм» гирд овардаанд.

Таълимоти ҳуқуқии шофеъия як навъ созиши байни таълимоти динию ҳуқуқии ҳанафиён ва моликиён аст. Ҳоло ин мазҳаб дар Мисру Баҳрайн, Африкаи Шимолӣ ва Индонезия ривоҷ дорад.

**Яракон** — касалии зардча, зардпарвин, Боткин.

**Қатрон** — моддаи равғанмонанди сиёҳ. Онро аз чӯби аръар, санавбар мегиранд ва аксаран шутурони решу хоришдорро бо он муолиҷа мекунанд.

**Қорун** — исми яке аз сарватмандтарини ашхос, ки ба хасисӣ машҳур будааст. Мувофиқи ривоятҳо Қорун оқибат ба ғазаби худо гирифтор шуда, бо тамоми сарваташ ба замин фурӯ рафтааст.

**Қулинҷ**, қ у л у н ҷ — навъи беморӣ, печиши шикам.

**Ҳанбал** — имом Аҳмад ибни Ҳанбал, асосгузор ва сардори мазҳабе, ки ба номи ӯ — Ҳанбалия маъруф гардид. Ҳанбалия тафсири озоди Қуръону Ҳадисро қатъан рад мекунад.

**Ҳанифа** — Абуҳанифа, сарвар ва муассиси мазҳаби Ҳана-

фиён. Ҳоло Ҳанафиён дар байни сунниҳо, туркзабон, инчунин дар Афғонистону Сурия ва байни мусулмонони Ҳиндустон, Хитой ва Индонезия аксариятанд.

**Ҷаъфар** (Ҷаъфари Содиқ) — имоми шашуми аҳди шиъа — имомиҳо, асосгузори мазҳаби Ҷаъфария. Ҷаъфариҳо дар асри 7 дар баробари пайравони мазҳаби суннӣ дар атрофи Қаъба соҳиби ҷойнамози махсус гардиданд.

**Ҷузом** — касалии рӯҳӣ, маразі девонагӣ аз фасоди хун, ки баданро мегудозад.

## ИХТИСОРАҲО

а. — алайҳиссалом
раз. — разияллоҳу анҳу
раҳ. — раҳматуллоҳи алайҳи
с. — саллаллоҳу алайҳи ва саллам

**РИСОЛАИ САИДИЯ**

Муҳаррир *Ч. Азизқулов*
Рассом *И. А. Сайфитдинов*
Муҳаррири техникӣ *Н. П. Незвидская*
Мусаҳҳеҳ *Р. Шобойзода*

ВА № 36

Ба матбаа 27.12.1991 супорида шуд. Ба чопаш 9.01.1992 имзо шуд Андоза $60\times84^{1}/_{16}$ Коғази матбааві. Хуруфи адабӣ Чопи баланд. 3,72 ҷузъи чопии шартӣ. 3,36 ҷузъи нашрию ҳисобӣ. Адади нашр 100000. Нархаш 4 сӯм. Супориши № 6139.

Комитети давлатии матбуоти Ҷумҳурияти Тоҷикистон. Доиратулмаорифи тоҷик. 734063, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ. 126.

Матбааи аввалини Комитети давлатии мутбуоти
Ҷумҳурияти Тоҷикистон.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Ленин. 37.


۱۳
۲۹